| Ҳиссаи колхозҳо % | | 27 | 32 | 54 | 46 | 56 |

Ғайр аз ин, дар ҷумҳурӣ ва махсусан, дар вилояти Хатлон чунин заминистифодабарандагон, монанди хоҷагиҳои ёрирасони дигар вазорату идораҳо, хочагиҳои таҷрибавии илмӣ ва ғайра мавҷуданд, ки заминҳои кишоварзиро истифода мебаранд.

**Ҷадвали 2. Маълумотномаи истифодаи замин дар вилояти Хатлон ба ҳолати 1 ноябри соли 1991**

| Номи истифодабарандагони замин | Шумораи хоҷагиҳо | Майдони умумӣ ҳаз.га | Аз онҳо киштзорҳо, ҳаз.га | | Аз ҷумла шудгоршуда ҳаз.га | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | ҳамагӣ | обёришуда | ҳамагӣ | обёришуда |
| Колхозҳо | 77 | 455,0 | 306,8 | 163,7 | 176 | 157,7 |
| Совхозҳо | 160 | 1559,4 | 946,7 | 111,4 | 183,4 | 101,4 |
| Ҷамъ: | | 2014,4 | 1253,5 | 275,1 | 359,4 | 259,1 |
| Бо % | | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Аз онҳо заминҳои колхозҳо % | | 23 | 24 | 60 | 49 | 61 |

Бо назардошти мазмуни мавзӯи таҳқиқотшаванда тавсифи чарогоҳҳо, аз ҷумла чарогоҳҳои дурдастро, ки берун аз ноҳияҳои вилояти Хатлон воқеъ гардидаанд, пешкаш менамоем (Ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Маълумотномаи чарогоҳҳо дар шароити ноҳияҳои вилояти Хатлон (1 декабри соли 1991)**

| № р/т | Номи ноҳияҳо | Ҳамагӣ чарогоҳҳо | Аз ҷумла | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | тобистона | Баҳору тирамоҳӣ | зимистона |
| 1. | ВАХШ | 95159 | 35853 | 29603 | 6250 |
| 2. | ДӮСТӢ | 13871 | 3192 | 3192 | - |
| 3. | ҚАБОДИЁН | 79283 | 35207 | 15699 | 19508 |
| 4. | Ҷ. БАЛХӢ | 72129 | 21931 | 17209 | 4722 |
| 5. | КУШОНИЁН | 31743 | 12296 | 12296 | - |
| 6. | А. ҶОМӢ | 55122 | 28279 | 23235 | 5044 |
| 7. | ҶАЙҲУН | 45636 | 9238 | 9147 | 91 |
| 8. | ПАНҶ | 52516 | 21448 | 20568 | 880 |
| 9. | ХУРОСОН | 48044 | 9085 | 9006 | 79 |
| 10. | ШАҲРИТУЗ | 82543 | 44880 | 24370 | 20510 |
| 11. | ЁВОН | 52216 | 14773 | 14773 | - |
| | ҶАМЪ: | 628262 | 236082 | 178998 | 57084 |

Дар солҳои охир дар натиҷаи васеънамоӣ ва тақсим шудани колхозу совхозҳо, ба совхозҳо додани колхозҳо, аз рӯи тахассус тақсим намудани онҳо, ҷудо кардани шохаҳои иловагӣ ё ба қавле дуюмдараҷа аз шохаҳои асосӣ, ки пешбарандаи шохаи мушаххаси хоҷагидорӣ маҳсуб меёбанд, тағйирёбии сарҳадҳои истифодаи замин ба амал омаданд.

Аз хоҷагиҳои пахтакор, масалан, зиёдтар соҳаи гӯсфандпарварӣ (ки ин асосан дар чорво барои истифодаи дохилихоҷагӣ боқӣ мондааст) фарбеҳ кардани чорвои калони шохдор ва қисман чорвои ширдеҳ, паррандапарварӣ ва хукпарварӣ ҷудо карда шуда буданд. Бе ба вуҷуд овардани комплекси пуриқтидори махсуси чорводорӣ аслан ин

соҳаҳо баъди аз хоҷагӣ ҷудо шуданашон ба таври зарурӣ тараққӣ накарданд ва натиҷаҳои чашмдошт надоданд, ки ин ба истеҳсоли маҳсулоти чорво таъсири манфӣ расонд.

Ҳолати чорводорӣ диққатро ба вазъияти номусоиди ин соҳа чалб мекард, бояд нишон дод, ки дар байни тараққиёти он ва истифода бурдани заминҳои чарогоҳ алоқаи хеле зич вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, масъалаҳои ташкили дурусти минтақа, проблемаҳои истифодаи оқилона, самараноки замин, аз ҷумла чарогоҳҳо, дар айни замон дар шароити душвори кишоварзӣ аҳамияти махсус пайдо карда, ба таҳқиқоти нави оригиналии ғайристандартӣ ниёз доранд.

Дар баробари ин, ҳамеша бояд дар назар дошт, ки замин "..унсурест, ки дар он истеҳсолот бояд ба амал бароварда шавад. Вай ба раванди истеҳсолот ҳамчун яке аз шартҳои истеҳсолот дохил мешавад... Вай монанди обанбор, он арзишҳоеро истифода мебарад, ки бояд тавассути фаъолияти истеҳсолӣ аз худ карда шаванд" [3].

Кооператсияи истеҳсолӣ, барпо намудани корхонаҳои байнихоҷагии чорводорӣ, истеҳсоли хӯроки чорво, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ яку якбора ба таври васеъ паҳн гардиданд. Кооператсиякунонӣ ва ҳамгироии аграрӣ ба воқеият табдил ёфтанд. Дар ҳама ҷо комплексҳои агросаноатӣ, иттиҳодияҳо, комбинатҳо ва корхонаҳо дар асоси кооперативӣ барпо карда шуданд. Айни замон кооператсияи истифодаи замин бо роҳи муттаҳид намудани оилаҳои (хоҷагиҳои) алоҳида, дар асоси шартнома аз хоҷагии (колхоз, совхоз) барои зироат ва маҳсулоти кишоварзӣ гирифтани замин амалӣ мегардад. Аммо дар робита ба ин, ба Кодекси замини Ҷумхурии Тоҷикистон илова ва тағйироти дахлдор даровардан мувофиқи мақсад аст.

Хусусан, дар мавриди ба иҷора додани замин (аз тарафи шахсони алоҳида, коллектив, корхона ва ғайра) ва хусусигардонӣ, ба моликияти хусусӣ гузаштан, ки дар қонуни мазкур пешбинӣ нашудааст, бисёр саволу нофаҳмиҳо ба миён меоянд.

Хусусияти Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки заминҳои барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ мувофиқ дар навбати аввал ба корхонаю ташкилоту муассисаҳои кишоварзӣ дода шуда, шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҳуқуқ доранд барои истифодаи якумра бо мақсади пешбурди хоҷагии деҳқонӣ, хоҷагии ёрирасони шахсӣ, барои сохтмони манзили инфиродӣ, боғдорӣ ва обчакорӣ, инчунин ҳангоми мерос ё ба даст овардани бинои истиқоматӣ қитъаи замин гиранд. Ҳамаи нуқтаҳои актҳои конунгузориро дар бораи замин, ки аз нуқтаҳои қаблан қайдгардида ба андозаи калон фарқ мекунанд, муфассал баён кардан лозим нест, зеро ин метавонад мавзӯи махсуси омӯзиш бошад [5].

Ба ғайр аз Кодекси замини Ҷумхурии Тоҷикистон, инчунин, қонун «Дар бораи ислоҳоти замин» (5 марти 1992) низ қабул шуда буд, ки он бо мақсади фароҳам овардани шароит барои инкишофи баробархуқуқи шаклҳои гуногуни замин, ташаккули иқтисодиёти серсоҳа, истифодаи оқилона ва муҳофизати замин бо мақсади зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ пешбинӣ шуда буд ва қонуни мазкур ҳуқуқи ихтиёрии ҳар як шаҳрванд ва коллективро дар интихоби шаклҳои моликият, истифодаи замин ва фаъолияти хоҷагидорӣ дар заминро таъмин менамояд. Шаклҳои табдил додан, ғайридавлатигардонӣ ва хусусигардонии корхонаҳои кишоварзӣ низ дар Кодекс муайян карда шудаанд: замини нав (истифодаи замин) бо роҳи ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ, коллективҳои иҷоравӣ, кооперативҳои кишоварзӣ ва дигар шаклҳои хоҷагидорӣ ба вуҷуд овардан мумкин аст.

Хусусиятҳои хоси кишвар, пеш аз ҳама нарасидани заминро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурӣ ғайр аз қонун "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" моҳи сентябри соли 1992 дар бораи ташаккули шаклҳои нави хоҷагидорӣ, пешбурди муносибатҳои нави замин асосан дар ноҳияҳои кӯҳсори ҷумҳурӣ, ки дар онҳо захираи муайяни замин ва захираҳои зиёдатии меҳнат мавҷуданд, қарор қабул кард ва дар ин

замина таҳлили маълумотҳои балланси замин дар давоми 20 соли охир муайян кард, ки дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ майдони замини корам 60—70 ҳазор гектар кам шудааст. Ин дар натиҷаи ба чарогоҳу алафзор табдил додани заминҳои барои шудгор номувофиқ рӯй додааст.

Дар ҷумҳурӣ ҳарчанд хеле суст бошад ҳам, ободонии деҳоти кӯҳсор давом дорад ва маҳз дар ҳамин ҷойҳо муносибатҳои нави замин ба вуҷуд меоянд ва хоҷагиҳои деҳқонии чорводорӣ ташкил карда мешаванд. Тамоми раванди ташаккули хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар ду марҳала сурат мегирад. Марҳалаи якум ташкил намудани фонди махсуси замини Ҳукумати ноҳия мебошад, ки тамоми заминҳои корамро дарбар мегирад. Хусусияти чунин амал дар он аст, ки ба фонди махсус на танҳо майдонҳое, ки дар онҳо киштукори механиконидашуда имконпазир аст, балки заминҳои корамро, ки дар гузашта танҳо бо усули аспӣ (аспу гов) кишт мекарданд, дохил карда метавонанд.

Дар марҳилаи дуюм ташкили мушаххаси хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бо роҳи тақсим кардани фонди махсуси замин дар байни шаҳрвандоне, ки хоҳиши пешбурди хоҷагиҳои деҳқониро доранд ва бо тартиби муқарраргардида маводи заминсозӣ тартиб дода мешаванд.

**Адабиёт:**

1. *Хлыстун В.Н., Пальчиков Ф.И. Земельные отношения и землеустройство. М., "Колос", 1984.*
2. *Филатов В.Н., Джураев С.Д. Основные аспекты землепользования и землеустройства. Душанбе, "Ирфон", 1980, с.8, 11, 18.*
3. *Маркс К, и Энгельс Ф. соч., изд. 2-е. Т.25 ч.П, с. 343.*
4. *Земельный Кодекс Таджикской ССР (утвержден 15 декабря 1990г.), Душанбе, "Народная газета", 23 января 1991г.*
5. *Абдуалимов Б.А., Мадаминов А. А. Асосҳои истеҳсолӣ ва илмӣ барои таҷдиди хоҷагиҳои деҳқонӣ. Маҷаллаи "Иқтисодиёти Тоҷикистон" - №1-и 2021 с., саҳ. 83-87.*
6. *Мадаминов А.А. Перспективы развития и размещения предприятий мясомолочной отрасли в регионах Республики Таджикистан// Маҷаллаи "Иқтисодиёти Тоҷикистон" № 4(2), 2021 г. – саҳ. 201-206.*
7. *Азимзода А.Ш., Абдуалимов Б.А. Ҷанбаҳои ҳуқуқии ба танзим даровардани заминҳои таъйиноти кишоварзӣ. Маҷаллаи "Гузоришҳо"-и АМИТ - №4(016)-и 2021 с., саҳ. 185-188.*

**Абдуалимов Б.**
**Мадаминов А.**

## ЗЕМЛЕПОЛЬЗОВАТЕЛЬСКИЕ ОТНОШЕНИЯ, ИСТОРИЯ ЗЕМЛЕВЛАДЕНИЯ И ЗЕМЛЕПОЛЬЗОВАНИЯ В РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ В ПЕРЕХОДНЫЙ ПЕРИОД

**Институт экономики и демографии**
**Национальной академии наук Таджикистана**

*В данной статье приведены краткие сведения об истории землевладения, видах землепользования после Октябрьской революции и начала периода независимости Таджикистана и Средней Азии. Читателю становятся понятны такие понятия, как чоряккори, мардикорӣ. Показана история создания первых дехканских хозяйств 1924-1929 годах, первых артелей, колхозов, которые в тот период были распространенным видом землепользования, как они создавались. По мнению авторов, статья предоставляет читателю полезную информацию в историческом направлении в области землеустройства и землепользования.*

***Ключевые слова:*** *землепользование, чоряккори, сельскохозяйственные предприятия, продукция сельского хозяйства, колхозы, совхозы, производственные кооперативы, подёнщина*

**Abdualimov B.**
**Madaminov A.**

**LAND USE RELATIONS, HISTORY OF LAND OWNERSHIP AND LAND USE IN THE REGIONS OF THE REPUBLIC DURING THE TRANSITION PERIOD**

**Institute of Economics and Demography**
**National Academy of Sciences of Tajikistan**

*This article provides brief information about the history of land ownership, types of land use after the October Revolution and the beginning of the period of independence of Tajikistan and Central Asia. It becomes clear to the reader, such concepts as choryakkori, mardikor. The creation of the first dehkan farms in 1924-1929, the first artels, collective farms, which at that time was a common type of land use, how they were created. According to the authors, the article provides the reader with useful information in its historical direction in the field of land management and land use.*

***Keywords:*** *land use, choryakkori, agricultural enterprises, agricultural products, collective farms, state farms, production cooperatives, day laborers.*

**Маълумот оид ба муаллифон:**

***Абдуалимов Баҳром*** *- ходими пешбари илмии ИИД АМИТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ 44, e-mail: b*

***Мадаминов Асрорқул Абдуллоевич*** *- ходими хурди илмии ИИД АМИТ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ 44,*

**УДК 891.550.092 (575.3)**

**Ю. Шодипур,**
**М. А. Бобоева**

# БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ПЕРОМУНИ АФКОРИ ИҚТИСОДИИ МАОРИФ ПАРВАРИ ТОҶИК МУҲАММАД СОДИҚХОҶАИ ГУЛШАНӢ

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

*Дар мақолаи мазкур ташаккул ва ривоҷу равнақи соҳаҳои мухталифи хоҷагии қишлоқ, хусусан кишоварзӣ, зироаткорӣ, қабл аз ҳама, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти ғалладона ва зироатҳои техникӣ, инчунин, рушду такомули муомилоти молию пулӣ ва муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ дар қаламрави Аморати Бухоро, алалхусус, Бухорои Шарқӣ дар асоси маводу санадҳои пурқимати «Таърихи ҳумоюн» -и Муҳаммад Садиқхоҷаи Гулшанӣ ва ҳамзамон, муқоиса бо маълумоти дигар матолиби таърихӣ ба таври боварибахш нишон дода шудаанд. Маҳз дар ин давра, молу маҳсулоти сермасрифи Аморати Бухоро, аз ҷумла Бухорои Шарқӣ, ба монанди пӯст, пашм, пахта, қолин ва амсоли он дар қатори чандин молу маҳсулоти сермасриф на танҳо дар савдои дохилӣ, балки дар тиҷорати берунии Аморати Бухоро мавқеи муҳимро ишғол мекарданд.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *ташаккул, афкори иқтисодӣ, маорифпарварӣ, Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Аморати Бухоро, Бухорои Шарқӣ, хоҷагии қишлоқ, кишт, зироаткорӣ, ҳунармандӣ, зироатҳои техникӣ, тиҷорат, робитаҳои савдоӣ, тиҷорати дохилӣ, тиҷорати берунӣ.*

Яке аз маорифпарварони тоҷики Аморати Бухоро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшании Бухороӣ [солҳои 1861-1910] ба ҳисоб меравад. Мавсуф дар асари ягонаи таърихӣ ва ҷуғрофиаш **«ТАЪРИХИ ҲУМОЮН»** [таълифаш: соли1909] оид ба афкори иқтисодию тиҷоратӣ дар Аморати Бухоро маълумоти мукаммал медиҳад, ки он то имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст. Бесабаб мутахассиси намоёни афкори иқтисодии халқи тоҷик, профессор С. Исломов таъкид намесозад, ки афкори иқтисодии маорифпарварони тоҷик, аз ҷумла, Аҳмади Дониш, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Садриддин Айнӣ ва дигарон **«ҳанӯз ба таври бояду шояд таҳқиқи худро дарёфт накардаанд»** [5,301]. Аз ин хотир, муаллифон итминон мегиранд, ки кунун перомуни ин масъала таҳқиқоти алоҳида анҷом медиҳанд, зеро ин мавзӯъ то ҳол аҳамияти илмиву амалиашро гум накардааст.

Маорифпарвари тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и Аморати Бухоро Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшании Бухороӣ дар асари худ **«ТАЪРИХИ ҲУМОЮН»** ДОИР БА соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла, заминдорӣ, заминҳои обӣ ва лалмӣ, киштукор, истеҳсоли биринҷ, пиллапарварӣ ва рушди соҳаҳои ҳунармандӣ, саноати маҳаллӣ ва амсоли он дар Аморати Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба тариқи мукаммал маълумот медиҳад. Дар ҳақиқат, дар Аморати Бухоро, аз ҷумла, Бухорои Шарқӣ кишоварзӣ, чорводорӣ, косибию ҳунармандӣ ва ғайра рушду такомул ёфта, дар ин соҳаҳо муомилоти молию пулӣ пайдо шуда, маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бештар характери молӣ қабул карда, ба бозор робитаи устувор пайдо менамоянд. Хусусан, дар Аморати Бухоро зироат ва деҳқонӣ, қабл аз ҳама**, кишти ғалладона, аз ҷумла гандум, ҷав, биринҷ** ва амсоли он рушду такомул ёфта, маҳсулоти ин соҳа характери молӣ мегиранд. Бесабаб Гулшанӣ зикр намсозад, ки «**арозии он [Миёнкол] бисёр ҳосилхез аст… Мардуми ин марзу бум аз зироату деҳқонӣ касби маош менамоянд. Гандуми ин вилоят ба хубӣ зарбулмасали мамолики Туркистон аст…»** [1,65]. Ба ғайр аз он, вилояти Зиёвиддин фарохтарин иёлати Миёнкол ба ҳисоб мерафт, замини он ҳосилхез буда, аз он ҳосили фаровон рӯёнида мешуд. Гулшанӣ оид ба зироати вилояти Хатирчӣ хабар дода, зикр мекунад, ки **«зироати ин мамлакат умуман хуб аст…»**. Инчунин, дар қисми шимолии Бухоро иёлати Вобканд мавзеъ дошт, ки ин ҷо низ **зироат бағоят фараҳфизо аст** [1,52,66].

Ҳамзамон, кишоварзӣ дар водии Кешруд ривоҷу равнақ ёфта, маҳсулоти зиёд истеҳсол мегардид. Ин матлабро ба назар гирифта, Гулшанӣ бо боварӣ изҳор медорад, ки дар ин водӣ, аз ҷумла, Насаф зироат ривоҷу равнақ меёфт. Хусусан, намудҳои гуногуни зироат дар Насаф

кишт карда шуда, аз он ҳосили зиёд ба даст меоварданд. Мутафаккири намоёни тоҷик Гулшанӣ аз ривоҷу равнақи кишоварзӣ дар Насаф гузориш дода, таъкид мекунад, ки дар **«мазореи арозии он зироати гандум, ҷав, тамоку, хашхош ва анвои ангур мавҷуд аст»** [1,87]. Ҳамзамон, намудҳои гуногуни зироат дар Насаф кишт карда шуда, аз он ҳосили фаровон ба даст меоварданд. Ба қавли Гулшанӣ, «**ба кадом санае, ки зироати Насаф хуб шавад, дар он сол нархи ғалла дар Бухоро арзон мегардид ва дар сурати акси он қимат мегашт»** [1,90].

Маҳсулоти истеҳсолии Қаршӣ [Насаф], хусусан, тамоку, мавиз ва амсоли он ба доираи муомилоти молию пулӣ ворид гардида, қисми он дар дохили Аморати Бухоро ва қисми дигари он бошад, берун аз қаламрави аморат ба фурӯш мерафтанд. Чунончӣ, Гулшанӣ тазаккур медиҳад, ки **«зироати тамокуи он бағоят фаровон аст. Ҳар сол чандин нафар аз туҷҷори аҳолии Хива омада, аз ин ҷо миқдори 2 ҳазор шутур тамоку ба Хоразм ҳамлу нақл менамоянд ва ҳар сол миқдори 10 ҳазор шутур мавизи обҷӯши он ба вилояти Самарқанд ҳамлу нақл мешуд»** [1,90].

Иёлати сеюми Лаби Об тобеоти Аморати Бухоро ба шумор мерафт, ки маркази шарқии ин иёлат вилояти Каркӣ ва маркази ғарбии он вилояти Чорҷӯй мебошанд. Бино ба ахбори маъхазҳо, дар иёлатҳои ин марзу бум зироат ва деҳқонӣ ривоҷу равнақ ёфта, маҳсулоти ин соҳа ба бозор робитаи зич пайдо намуда буд [1,73].

Мардуми Бухорои Шарқӣ низ, ба кишти зироати баъзе намудҳои ғалладона, алалхусус гандум, ҷав ва ғайра эътибори калон медоданд. Кишоварзӣ, аз ҷумла зироат дар Бойсун низ ривоҷу равнақ меёфт. Бесабаб нест, ки Гулшанӣ доир ба кишти зироати ғалла дар ин ноҳия хабар медиҳад, ки он ҷолибу судбахш аст. Мувофиқи маълумоти ӯ, **«зироати ин мамлакат хуб аст, зироати дашти он ҳама лалмӣ аст...»**. Бино бар ахбори Гулшанӣ, «**маҳсулоти ин соҳа на танҳо ба бозори дохилӣ, балки ҳар сол аз ҳубуботи он бештар ба хориҷа ҳамлу нақл мегардид»** [1,109].

Манбаъҳои таърихӣ далолат мекунанд, ки дар бекиҳои Бухорои Шарқӣ дар қариб 50 ҳазор даҳяки замин ҷавдор кишт карда мешуд, ки аксарияти он ба беки Ҳисор тааллуқ дошт. Дар Бухорои Шарқӣ, хусусан, музофоти Ҳисор кишоварзӣ рушду такомул ихтиёр намуда, ба бозор робитаи устувор пайдо мекард. Аз ин лиҳоз, муаллиф хабар медиҳад, ки «**тоҷикони он** [Ҳисори Шодмон] **тамоман ба дараҳои кӯҳ ба нафси шаҳр сокин буда, ба деҳқонӣ ва зироат машғул мешуданд ва аз ин мамар касби маош менамуданд…»** [1,123]. Бесабаб нест, ки дар маъхазу сарчашмаҳои таърихӣ, Ҳисори Шодмон ва водии зархези онро барои серҳосилии заминаш, серобию зебоиҳои табиаташ, рушду такомули соҳаҳои гуногуни ҳаёт-**«нонхонаи Аморати Бухоро»** мегуфтанд [1,3].

Бар замми он, Гулшанӣ доир ба иёлатҳои беки Ҳисор, ба мисли Деҳнав, Юрчӣ ва амсоли он маълумот дода, қайд мекунад, ки дар ин минтақа кишоварзӣ ва зироат тараққӣ намуда, бештар дар ин ҷойҳо маҳсулоти ниёзи мардум истеҳсол карда мешуданд. Ба ифодаи маъмули Гулшанӣ, **«зироати обӣ ва лалмии Юрчӣ хуб аст…»** [1,134]. Дар иртиботи он, Гулшанӣ доир ба ноҳияҳои беки Ҳисор, ба мисли Деҳнав, Юрчӣ, Сариосиё, Регар ва амсоли он маълумоти саҳеҳ ироа намуда, зикр месозад, ки дар ин минтақа кишоварзӣ ва зироаткорӣ тараққӣ карда, бештар дар ин ҷойҳо маҳсулоти аввали ниёзи мардум истеҳсол карда мешуданд.

Вилояти Сариҷӯй яке аз иёлати Ҳисори Шодмон ба шумор мерафт. Ин вилоят дорои се қӯрғон: Сариҷӯй, Сариосиё ва Регар аст. Аҳолии ин вилоят аксар тоҷик мебошанд. **Зироати ин вилоят ҳосилхез буда, заминҳои обию лалмии он фаровон аст**, ...аксари онҳо фақир буда, **танҳо бо зироат иктифо доранд…»** [1,129-130].

Дар шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла вилояти Кӯлоб кишоварзӣ, аз ҳама бештар зироаткорӣ мавқеи устувор пайдо карда буд. Бесабаб Гулшанӣ зикр намесозад, ки зироату тиҷорат ва саноати ин вилоят аз тамоми вилоёт ва амсори кӯҳистон бештару равнақдортар аст. **Зироат дар ин вилоят аз анвои ҳубобот ва аснофи масруот мавҷуд аст. Дар ин вилоят ғалла фаровон ва нархи он арзон аст** [1,141-142]. Тазаккури он ҷойиз аст, ки аз сабаби фаровонӣ ва арзонии ғалла дар вилояти Кӯлоб, он ба ноҳияву музофотҳои ин минтақа ва ҳатто берун аз он интиқол дода мешуд.

Беки Қӯрғонтеппа яке аз бекиҳои дурдасти Бухорои Шарқӣ ба шумор рафта, он аз ҷиҳати ҷуғрофӣ водии Вахшро дарбар мегирифт. Беки Қӯрғонтеппа аз се амлокдорӣ –Сарой, Ҷиликӯл ва Қӯрғонтеппа иборат буд , ки дар ин ҷо кишоварзӣ ва зироаткорӣ инкишоф ва такомул ёфта буданд. Дар маъхазу сарчашмаҳои хаттӣ, аз ҷумла «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ доир ба беки Қӯрғонтеппа санаду бурҳонҳо кам нестанд. Дар вилояти Қӯрғонтеппа кишоварзӣ, аз ҷумла зироати ғалладона ва кунҷид бештар инкишоф ёфта буданд. Аз рӯи маълумоти Гулшанӣ, «тавобеи канори наҳри Ҷайҳун тамоман ободу маъмур аст. **Зироати атрофу акнофи қӯрғони он бисёр аст. Аксари зироати аҳолии ин ҷо шолӣ ва кунҷид…»** аст. Бесабаб нест, ки Гулшанӣ хусусияти хоси кишти зироатро дар ин минтақа ёдовар шуда, зикр менамояд, ки **«лиҳозо зироати онҳо кунҷид аст,** зеро дигар ҳосилро ханозир (хубон) хароб месохт, аз ин ҷиҳат **аксари даҳоқин зироати кунҷид мекарданд»** [1,148].

Дар вилояти Қаратегин низ кишоварзӣ ба пешравиҳои азим ноил мегардад. Хусусан, заминҳои он бағоят ҳосилхез ва хушалаф буданд. Дар ин навоҳӣ кишти ғалладона бештар ба роҳ монда шуда, аз он ҳосили баланд ҷамъ меоварданд. Ин омилро Гулшанӣ ба назар гирифта, зикр менамояд, ки **«аксари зироати ин мамлакат гандум аст. Гандуми обӣ ба мазореи худ заръ (кишт) менамоянд ва он ба хубӣ баҳам мерасид».** Бар замми он, дар ин ҷо кишти лалмӣ низ ривоҷу равнақ мекард. Аз рӯи ахбори Гулшанӣ, аммо лалмии онҳо дар фасли рабеъ дар ағбаҳои шомих дар болои барф хок рехта, дар хок тухмӣ корида мерафтанд. Чун ҳангоми саратон омада, хабар мегирифтанд, ки ҳосили он ба амал омадааст ба хубӣ ва некӯӣ» [1,151-152].

Дар Аморати Бухоро **истеҳсоли биринҷ** дар дараҷаи муайян ба роҳ монда мешуд. Дар ҳақиқат ҳам, яке аз соҳаҳои асосии кишоварзӣ-истеҳсоли маҳсулоти аввали ниёзи мардум дар қаламрави Аморати Бухоро, шоликорӣ, хусусан истеҳсоли биринҷ ба шумор мерафт. Дар «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ оид ба пешрафт ва такомули шоликорӣ, хусусан истеҳсоли биринҷ санаду бурҳонҳои ҷолибу судбахш маҳфуз мебошанд. Аз рӯи маълумоти маъхазҳои таърихӣ, парвариши шолӣ ва истеҳсоли биринҷ дар Хатирчӣ зиёдтар буда, он аз дигар мавзеъҳо бартарӣ дошт. Ба қавли Гулшанӣ, **зироати биринҷу шолии он [Хатирчӣ] ниҳоят зиёд буда, аз ҳар ҷиҳат дар сафи пеш қарор мегириф**т.

Зимнан, Содиқхоҷаи Гулшанӣ дар асараш «ТАЪРИХИ ҲУМОЮН» дар хусуси зироати сокинони Миёнкол, Хатирчӣ, Шаҳрисабз, Китоб, Яккабоғ ва ғайра таваққуф намуда, иттило медиҳад, ки дар ин ҷо **шоликорӣ** бештар равнақ менамуд. Тазаккури он ҷойиз аст, ки шоликорӣ, хусусан, истеҳсоли биринҷ дар шаҳрҳои Аморати Бухоро зиёдтар буда, талаботи мардумро қонеъ мегардонд. Бино ба андешаҳои солими Гулшанӣ, **зироати биринҷу шолии он[Хатирчӣ], хусусан, ба сафи мамолик тафаввуқ [афзалият, бартарӣ] дорад** [1,66].

Бар замми он, кишти шолӣ ва истеҳсоли биринҷ дар шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ, ба монанди Деҳнав, Юрчӣ, Регар, Ҳисор, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва ғайра низ дар ҷараёни рушду такомул қарор дошт. Бино ба таъкидҳои холисонаи Гулшанӣ, дар вилояти Сариҷӯй, аз ҳама бештар зироати шолӣ маъмул мегардад. Ҳамзамон, дар Юрчӣ низ **«…аз соири ҳубобот шоликорӣ бештар аст…»** [1,129,134]. Дар гирду атрофи Сариосиё, Юрчӣ, Деҳнав ва Регар бештар шолиро кишт карда, аз он биринҷи зиёд истеҳсол мекарданд. Дар воқеъ, беки Ҳисор аз ҷиҳати кишти шолӣ низ ҷои якумро ишғол мекард. Аз рӯи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ, аз 84 ҳазор десятина замини киштшавандаи ин бекӣ 34 ҳазор десятинаашро кишти шолӣ ташкил медод [7,28]. Дигар қисмати майдонҳои кишти шолӣ ба бекиҳои Балҷувон, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Қабодиён рост меомаданд. Бесабаб дар осори Гулшанӣ таъкид намегардад, ки ба монанди дигар минтақаҳо, **«дар атрофи ин вилоят [Кӯлоб] аксар шоликорӣ бисёр аст»** [1,142]. Дар вилояти Қӯрғонтеппа низ бештар зироати шолӣ ва кунҷид ба роҳ монда мешуд. Аз рӯи маълумоти Гулшанӣ, «... **аксари зироати аҳолии ин ҷо шолӣ ва кунҷид** аст …» [1,148]. Хусусан, биринҷ аз ин мулкҳо ва ноҳияҳо на танҳо ба Бухоро ва Туркистон, балки Дарвоз ва Қаратегин низ содир карда мешуданд [7,28]. Аз корбасти санаду бурҳонҳои матраҳгардида ба хулосаи муҳим расидан душвор нест, ки воқеан ҳам, шаҳрҳои Аморати Бухоро ва ноҳияҳои

кӯҳистони он маркази асосии истеҳсоли биринҷ ба ҳисоб мерафтанд ва маҳсулоти худро на танҳо ба Аморати Бухоро, балки шаҳрҳои Осиёи Миёна низ содир мекарданд.

Дар воқеъ, санаду далелҳои воқеӣ собит месозанд, ки маҳсулоти соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқи Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубиву шарқии Тоҷикистони имрӯза характери молӣ гирифта, ба шаҳрҳои Осиёи Миёна ва минбаъд ба Русия содир карда мешуданд. Дар натиҷа, иртиботи иқтисодию тиҷоратии музофоти Ҳисор вусъат ёфта, маҳсулоти гуногуни он характери молӣ касб намуда, онҳо бештар тавассути роҳи дарёӣ то истгоҳи роҳи оҳани Чорҷӯй ва минбаъд то шаҳрҳои Аморати Бухоро, пасон, то шаҳрҳои Туркистон ва Русияи подшоҳӣ интиқол меёфтанд. Ин матлабро Гулшанӣ ба таври амиқ изҳор медорад, ки **«ҳар сол миқдори 10 ҳазор кемаи болкондор аз вилояти иёлати Ҳисор ба ин ҷо [Лаби Об] гандуму ҷав ва анвои ҳубобот [ғалладона] аз роҳи дарё меоранд [мебурданд]»** [1,74]. Чуноне Гулшанӣ шаҳодат медиҳад, ки «тиҷорати қасабаи Сарой Камар... равнақдор аст. **Ҳар сол мутаҷовиз аз як лак [100 ҳазор] ман ғаллоту ҳубобот, хусусан биринҷу кунҷид аз ин ҷо аз роҳи дарёи Омуя ба иёлати Лаби Оби Бухоро ва вилояти Хива ҳамлу нақл мешуд»** [2,149], **онҳоро ҳамроҳи солу қайиқ мебурданд.**

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Аморати Бухоро кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ ва саноати маҳаллӣ бемуҳобот ривоҷу равнақ ёфта буданд. Ин матлаб дар «Таърихи ҳумоюн» -и Муҳаммад Садиқхоҷаи Гулшанӣ ба тариқи васеъ ва мукаммал инъикос ёфтааст. Ба қавли ховаршиноси барҷастаи тоҷик Д. Саидмуродов, дар кишвари тоҷикон кишоварзӣ, зироат, чорводорӣ, косибӣ ва ҳунармандӣ, саноати маҳаллӣ ривоҷу равнақ ёфта, боиси рушди савдову тиҷорат ва амсоли он мегарданд [6,298]. Дар воқеъ, истифодаву корбаст ва муқоисаи санаду матолиби «Таърихи ҳумоюн» -и Гулшанӣ собит месозад, ки дар Аморати Бухоро, аз ҷумла Бухорои Шарқӣ кишоварзӣ, чорво-дорӣ, ҳунармандӣ, саноати маҳаллӣ ва амсоли он ривоҷу равнақ намуда , дар ин соҳаҳо муомилоти молию пулӣ тавсеа ёфта, ба бозор робитаи зич пайдо мекар-данд. Аз ин хотир, он пешрафту такомул ва пешомаду тараққиёти хоҷагии қишлоқ, ҳунармандӣ, саноати маҳаллӣ ва амсоли онро, ки дар қаламрави Бухорои Шариф ба вуқӯъ омада буданд, дар асоси маълумоти «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ ва муқоиса бо дигар матолиби наву тозаи таърихӣ мавриди тадқиқу баррасӣ гузоштан ба матлаб мувофиқ аст.

Чуноне маъхазу сарчашмаҳои таърихӣ собит мекунанд, ки дар шаҳрҳои Аморати Бухоро, аз ҷумла, вилоятҳои Ҳисор, Қабодиён, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Балҷувон, Дарвоз дар баробари кишоварзӣ, чорводорӣ, косибию ҳунармандӣ, инчунин п**иллапарварӣ** ривоҷу равнақ ёфта буданд. Дар баъзе минтақаҳои Аморати Бухоро, аз ҷумла, иёлати Лаби Об кирмакпарварӣ ба пешравиҳои ноил мегардад. Аз рӯи ахбори Гулшанӣ низ, дар иёлати Лаби Об **абрешими пилла низ бисёр аст** [1,75]. Дар музофоти Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла Қабодиён нисбатан бештар парвариши пилла роиҷ гардида, рушду такомул меёфт. Чуноне аз ахбори маъхазҳои таърихӣ бармеояд, ки пиллапарварӣ дар вилояти Қубодён нисбат ба дигар минтақаҳои Бухорои Шарқӣ бештару равнақдортар будааст. Ин матлаброб дар назар дошта, мутафаккири тоҷик М. С. Гулшанӣ, ки борҳо ба ин минтақаҳо сафар карда буд, гувоҳӣ медиҳад, ки **«дар ин вилоят ғӯзаи пилла ва абрешим аз ҳадду ҳаср берун фаровон ва арзон аст»** [1,138]. Ба қавли ҳаққонии Гулшанӣ, **«аз ҷиҳати касрати пилла ва абрешим Қабодиён дар тарсеи вилояти Бурса аст»** [1,139]. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX Қабодиён яке аз марказҳои асосии пиллапарварӣ дар Бухорои Шарқӣ ба ҳисоб мерафт, ки аз ин ҷо ба Ҳисор, Қабодиён, Душанбе ва амсоли он пилларо интиқол медоданд [2,229].

Таъкид ба ёдоварист, ки азбаски дар соҳаҳои косибӣ ва ҳунармандӣ бештар маҳсулоти чорво мавриди истифода қарор дода мешуд, аз онҳо ба таври бояду шояд молу маснуоти сермасриф тайёр мекарданд. Хусусан, дар чандин вилоятҳои Аморати Бухоро пӯсти қароқӯлӣ яке аз маснуоти серхарид ба ҳисоб мерафт, ҳунармандон аз он молу маснуоти сершумор тайёр мекарданд. Чунончӣ, сокинони вилояти Қароқӯл бо пӯсти қароқӯлӣ шӯҳратманд гардида, ин намуди маҳсулот бештар ба савдо мерафт. Ба истилоҳи Гулшанӣ, **«пӯсти қароқӯлӣ, ки аз камоли шӯҳрат ғанӣ аз таъриф аст ва ба иқлими Аврупо ва Фарангистон аз Бухоро**

**муаззазтар аст, дар ин вилоят нисбат ба соири вилоятҳо бештару пештар баҳам мерасад»** [1,49]. Дар Бухори Шарқӣ, аз ҷумла вилояти Қӯрғонтеппа низ пӯсти чорво яке аз маҳсулоти сермасриф ба шумор мерафт. Чуноне академик Ҳ. Саидмуродов таъкид намудааст, ки пӯсти қароқӯлӣ яке аз ашёҳои хоми асоситарини тиҷорати берунии Бухорои Шарқӣ ба ҳисоб мерафт [6,298].

Дар охири асри XIX–ибтидои асри XX дар Аморати Бухоро косибию ҳунармандӣ ва саноати маҳаллӣ ривоҷу равнақ ёфта, дар ин соҳаҳо муомилоти молию пулӣ пайдо шуда, маҳсулоти онҳо дар иртиботи тиҷоратӣ мавқеи муҳимро соҳиб мегардиданд. Хусусан, косибӣ ва ҳунармандӣ дар шаҳрҳои Бухоро, Насаф, Шаҳрисабз, Калиф, Каркӣ, Чорҷӯй ва ғайра ривоҷу равнақ ёфта, маҳсулоти онҳо бештар ба фурӯш мерафтанд. Аз рӯи ахбори маъхазҳои таърихӣ, дар Насаф баъзе соҳаҳои косибӣ ва ҳунармандӣ, аз ҷумла бофандагӣ ва ғайра характери молӣ касб намуда, ба бозор робитаи зич пайдо карда буданд. Ба қавли комили Гулшанӣ, **«…тиҷорати пашминаву гилеми он [яъне, Насаф] аз камоли шӯҳрат мустағнӣ аз тавсиф аст. Алоча, мавиз ва ҳалвиёти он (анвои шириниҳо) аз ҷиҳати армуғон аз Ховар то Бохтар мераванд, машҳури хоси ом ва писандидаи аном аст»** [1,89]. Зимнан, маснуоти ҳунармандии Насаф [Қаршӣ] на танҳо дар дохили Аморати Бухоро, балки Осиёи Миёна ва берун аз он ба савдо рафта, харидорони сершумор пайдо карда буд. Ба истилоҳи Гулшанӣ, **«аллочаву ҳалвиёти (анвои шириниҳо) бештар дар Бухоро масраф мегардид ва гилему соири пашминаи он бошад, дар Бухорои Шариф масраф мегашт»** [4,90]. Дар ин шаҳр [Насаф] истеҳсоли маснуоти косибӣ равнақдор буда, талаботи аҳолиро қонеъ мегардонд. Ба ибораи Гулшанӣ, **«тиҷорати он равнақдор буда, ханҷару шамшер, корд ва соири аслиҳа ва офтобаи ҳалдор ва қоқма (шероза) ва авонии нуҳосия (зарфҳои мисин ва дигар маъмулот) истеҳсол гардида, ба фурӯш мерафтанд»** [1,88]. Инчунин, дар водии Кешруд, аз ҷумла шаҳри Кеш соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ ривоҷу равнақ ёфта, маҳсулоти он дорои сифати баланд будааст. Чунончӣ, дар шаҳри Кеш [Шаҳрисабз] соҳаҳои мухталифи ҳунармандӣ рушду такомул мекарданд , ки дар ин хусус Гулшанӣ бо « »мамнуният хабар медиҳад [1,114-115].

Дар иёлатҳои Лаби Об, хусусан, вилояти Каркӣ бофандагӣ дар дараҷаи баланд ривоҷу равнақ ёфта, маҳсулоти истеҳсолии онҳо – қолин, гилем ва монанди он бештар ба фурӯш мерафтанд. Бино бар шаҳодати Гулшанӣ, **«зукури онҳо (мардон) ба зироат шуғл дошта, вале иноси (занҳо) онҳо ба қолинбофӣ ва қоқма ва аз анвои мансуҷот (матоъи бофта) аз пашми шутур ва гӯсфанду буз мамлӯ мебофтанд, дар камоли ҳунармандӣ…»** [1,72-73]. Чуноне маъхазҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар Каркӣ қолинбофӣ ва қоқма рушд дошта, аз анвои матоъ бошад, аз пашми шутур ва гӯсфанду буз бо ҳунари баланд бофта мешуд [1,73].

Музофоти Ҳисор яке аз мавзеъҳои муҳимтарини косибӣ ва ҳунармандӣ ба шумор мерафт. Биноан, тоҷикон дар шаҳрҳо, қасабаву шаҳракҳо ва деҳаҳои кӯҳистон зиндагӣ карда, ба ҳунармандӣ, хусусан бофандагӣ ва косибӣ машғул мешуданд. Ба қавли Гулшанӣ, **воқеан ҳам, «…баъзеи онҳо косибанд, ба нассоҷӣ ва аллочабофӣ машғуланд»** [1,123]. Мардуми Ҳисор, Қаратоқ, Душанбе ва амсоли он ба истеҳсоли саноати маҳаллӣ ва ғайра иштиғол доштанд. Ба тариқе Гулшанӣ иброз медорад, ки онҳо ба ҳунармандӣ, аз ҷумла аллочабофӣ, кордсозӣ ва ғайра маълуму машҳуранд. Ба қавли нигоранда, **« аллоча ва корду дашнаи Қаратоқ забонзадаи аҳли олам аст, дӯсту душман ба нафосату соноеи онҳо инкор надоранд...»** [1,125]

Инчунин, дар амлокдории Душанбе ва қарияҳои он , аз ҷумла қарияи Зиддӣ баъзе соҳаҳои ҳунармандӣ талаботи мардумро бо маҳсулоти худ таъмин менамуданд. Чунончӣ, аз рӯи ахбори Гулшанӣ, **аҳолии ин қария [Зиддӣ] бо санъати чакмани тибетӣ ва босма маъруф ва машҳуранд** [1,127]. Ин ақидаро тақвият дода, академик Бобоҷон Ғафуров зикр намудааст, ки дар якчанд шаҳрҳои нисбатан калони Бухорои Шарқӣ –Душанбе, Ҳисор, Кӯлоб, Қаратоқ ва Балҷувон истеҳсоли газворҳои абрешимию пашмӣ, пахтагин, корду шамшер ва монанди он ба роҳ монда шуда буданд [4,68]. Дар вилояти Кӯлоб соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ равнақ ёфта, аз ҳама бештар бофандагӣ шӯҳрати калон дошт. Аз рӯи шаҳодати Гулшанӣ. **«нассоҷи ин марзу бум низ фаровон аст. Аллочаи кӯлобӣ маъруфу машҳур аст».**

Феълан, соҳибкорону тоҷирон намудҳои мухталифи молу маҳсулоти косибӣ ва ҳунармандиро бо теъдоди ниҳоят зиёд кӯтара харида, ба ватани худ интиқол медоданд. Чунончӣ, Гулшанӣ тазаккур медиҳад, ки **соҳибкорону тоҷирони Қафқоз ҳар сол ба миқдори 50 (панҷоҳ) ҳазор қолинро аз ин ҷо харида, ба Рассӣ [Русия] ва вилояти Арзурум мебурданд** [1,72]. Ба ғайр аз он, дигар молу маҳсулот, қабл аз ҳама, пӯсту пашм, пахта ва ғайра низ аз ин бозор байъу широ шуда, ба шаҳрҳои гуногун интиқол дода мешуданд. Аз рӯи ахбори Гулшанӣ, **«…ҳар сол ба миқдори як милюн дона пӯсти барраи қароқӯлӣ низ аз ин ҷо хариду фурӯш мешуд, инчунин аз қабили пашм, пӯсти рӯбоҳ ва пахта низ аз ин қарор аст»** [1,72]. Воқеан ҳам, пӯст, пашм, абрешим ва амсоли он дар қатори чандин молу маҳсулоти сермасриф дар тиҷорати берунии Аморати Бухоро мавқеи муҳимро ишғол мекарданд. Хусусан, аз ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистони имрӯза ба шаҳрҳои Осиёи Миёна, Русия ва дигар кишварҳо маҳсулоти маҳаллӣ, хусусан писта, чормағз, зағир, кунҷид, гандум, чорво, матоъҳои абрешимӣ, инчунин пӯсти қароқӯлӣ, пашм, пӯсти рӯбоҳ ва ғайра бароварда мешуданд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқу омӯзиш ва таҳлили маводҳои «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ ва муқоиса бо ахбори дигар маъхазу сарчашмаҳои хаттӣ ва инчунин, адабиёти илмиву тадқиқотӣ нишон медиҳанд, ки дар хоҷагии қишлоқ, хусусан зироаткорӣ, қабл аз ҳама, истеҳсоли маҳсулоти аввали ниёзи мардум дар қаламрави Аморати Бухоро, алалхусус Бухорои Шарқӣ аз рушду такомули муомилоти молию пулӣ ва муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ шаҳодат медоданд. Инчунин, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Аморати Бухоро, аз ҷумла Бухорои Шарқӣ соҳаҳои гуногуни косибию ҳунармандӣ, саноати маҳаллӣ ва ғайра рушду нумӯъ карда, дар ин соҳаҳо муомилоти молию пулӣ ташаккул ва тақвият ёфтанд, ки дар натиҷа, доираи робитаҳои тиҷоратӣ васеъ гардида, бештар савдои дохилӣ ва тиҷорати берунӣ ривоҷу равнақ ихтиёр намуда, ба дараҷаи баланди тараққиёти худ мерасанд.

**Адабиёт:**


*1. Гулшанӣ М. С. Таърихи ҳумоюн // Ба чоп тайёркунанда, мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҷ. Назриев.–Душанбе, 2006.–168 с.*

*2. Берзиков Е. Бухорои сурх: Роман. –Душанбе: Адиб, 1988. - 240 с.*

*3. Валиев Ҷ. Шумон-модари шаҳрҳо //Ҷумҳурият. - 2015. - № 211. - 22 октябр.*

*4. Ғафуров Б. Тоҷикон: Охирҳои асри миёна ва давраи нав. - Кит. дуюм. - Душанбе: Ирфон, 1985.- 416 с.*

*5. Исломов С. Проблемаҳои иқтисодӣ дар осори Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1999. -С. 304*

*6. Саидмуродов Д. Таърихи ҳумоюн // ЭСТ. –Ҷ. 7. - Душанбе, 1987. -С. 298.*

*7. Стеценко И. А. Из истории народных движений в Таджикистане во второй половине Х1Х - начале ХХ вв .[1870-1917 гг.]. - Душанбе: Дониш, 1963.- 168 с.*

*8. Шодипур Ю. «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ маъхази таърихӣ доир ба муносибатҳои тиҷоратии Аморати Бухоро дар охири асри Х1Х –аввали асри ХХ // Муаррих. – Душанбе, 2017. - № 3-4 [12]. - С. 119 –127.*

*9. Шодипур Ю. Ташаккул ва таҳаввули косибӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Аморати Бухорои охири асри Х1Х - ибтидои асри ХХ: [тибқи маълумоти «Таърихи ҳумоюн»-и Гулшанӣ] // Ташаккул ва рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Осиёи Марказӣ:[тибқи ахбори сарчашмаҳои хаттӣ ва матолиби дигари таърихӣ] / Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» // Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор: н. и. т., дотсент Ю. Шодипур.- Душанбе, 2018.- С.183 -192.*

**Шодипур Ю.,**
**Бобоева М. А.**

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ВЗГЛЯДОВ ТАДЖИКСКОГО ПРОСВЕТИТЕЛЯ МУХАММЕДА СОДИКХОДЖИ ГУЛШАНИ

**Таджикский национальный университет**
**Институт экономики и демографии**
**Национальная академия наук Таджикистана**

*В данной статье на основе ценнейших убедительных сведений письменных источников и особенно данных «Тарихи хума-юн» Мухаммеда Садикходжи Гулшани исследованы и показаны становление и развитие сельского хозяйства, в том числе земледелия, зерноводства, хлопководства, прежде всего производства первичных продуктов питания и технических культур в Бухарском Эмирате, и его восточной части в конце X1X – начале XX века. Необходимо заметить, что в регионе увелечивалось производство хлопка, кожи, шерсти и др., которые являлись товарами спроса. Именно в этот период товары и изделия Бухарского Эмирата, в том числе и Восточной Бухары, такие как кожа, шерсть, хлопок, ковры и тому подобное, занимали важное место не только во внутренней, но и во внешней торговле Бухарского Эмирата. В частности, из Восточной Бухары [центральные и южные районы сегодняшнего Таджикистана] в города Средней Азии, России и других стран поступали местные продукты, особенно хлопок, шерсть, шёлковые и шертяные хлопчатобумажные изделия, скот, каракулевые шкуры, шкуры лисиц, медвежьи шкуры, а также фисташки, лен, семена кунжута и т.д., в общей сложности составляли сумму до 5-6 миллионов рублей.*

***Ключевые слова:*** *становление, экономическая мысль, просветительство, Мухаммед Содикходжа Гулшани, Бухарский Эмират, Восточная Бухара, сельское хозяйство, посев, земледелие, ремесло, зерновые, технические посевы, торговля, торговая связь, внутренная торговля, внешняя торговля.*

**Shadipour Yu.,**
**Boboeva M.A.**

# SOME CONSIDERATIONS ABOUT THE ECONOMIC OPINION OF THE TAJIK EDUCATIONALIST MOHAMMAD SADIQHOJA GULSHANI

**Tajik National University**
**Institute of Economics and Demography**
**National Academy of Sciences of Tajikistan**

*In this article, the formation and development of various industries, agriculture, especially cultivation, first of all, production and processing of grain , technical crops, as well as development and improvement of financial transactions , economic and commercial relations in the territory of the Emirate of Bukhara, especially Eastern Bukhara, is considered on the basis of materials, valuable documents from "History of Humayun" by Muhammad Sadiqkhoja Gulshani andat the same time, are convincingly demonstrated their comparison with other historical data. It is during this period that low-cost goods and products consumption of the Emirate of Bukhara, including Eastern Bukhara, such as leather, wool, cotton, carpet and other things like them among many high-cost goods not only in domestic trade, but also in foreign trade of Bukhara Emirate had an important position. Especially, from Eastern Bukhara (central and south districts of present Tajikistan) to the cities of Central Asia, Russia and others countries were exchanged local products, especially cotton, wool, livestock, pirate skins, fox skins, bear, as well as pistachio, flax, sesame, wheat, silk fabrics etc.the total amount of which made 5-6 million rubles.*

***Keywords:*** *formation, economic opinion, education, important, Muhammad Sadikhoja Gulshani, Emirate of Bukhara, Eastern Bukhara, farm agriculture, farming, cultivation, crafts, technical crops, trade, trade relations, domestic trade, foreign trade.*

***Свведение об авторах:***

***Юсуфи Шодипур*** *– Таджикский национальный университет, кандидат исторический наук, доцент кафедры историии таджикского народа. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.*

**Бобоева Майрамби Ахтамовна** - *Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан, ст. лабарант Отдел Сравнительных экономических исследований. Адрес: Айнӣ44, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Айни 44,*

**УДК 330.1(575.3);(092)** **Мухаббатов Х.М.**

# ПАМЯТИ ВЫДАЮЩЕГОСЯ ТАДЖИКСКОГО ЭКОНОМИСТА И ГОСУДАРСТВЕННОГО ДЕЯТЕЛЯ ИБОДУЛЛО НАРЗИКУЛОВА

**Отдела географии Национальной академии наук Таджикистана**

*Статья посвящена жизни и научной деятельности выдающегося ученого и государственного деятеля, академика Ибодулло Касимовича Нарзикулова. Он был один из первых организаторов экономической науки не только в Таджикистане, но и в Центральной Азии. Под его руководством был подготовлен Комплексный Атлас Таджикистана, который был оценен весьма положительно авторитетными учеными Советского Союза. Ибодулло Нарзикулов был председателем Научного Совета по размещению производительных сил в Центральной Азии. Его заслуга связана с составлением предпланового документа «Схема развития и размещения производительных сил Таджикской ССР до 1980г.» и Южно-Таджикского комплекса. Роль его в развитии экономической и географической науки весьма огромна.*

***Ключевые слова:*** *экономика, производительные силы, природные ресурсы, трудовые ресурсы, охрана природы, гидроресурсы, промышленность, сельское хозяйство.*

В экономических кругах учёных Советского Союза и Центральной Азии имя академика Ибодулло Нарзикулова известно с середины прошлого столетия. Его помнят и чтят, как учёного-специалиста в области развития и размещения производительных сил, по комплексному использованию природных ресурсов. Ведущие ученые экономисты и государственные деятели Узбекистана, Казахстана, Киргизии, Туркменистана и Таджикистана и сегодня обращаются к его книгам и трудам, не потерявшим актуальности, воздавая тем самым коллеге-первопроходцу уважение и признание.

Детство и юность Ибодулло прошли в славном городе Самарканде, в махалле Кози Калон, что рядом с Регистаном. Ещё мальчиком, в отличие от других сверстников, начальные знания он получил и в медресе, и в русской школе. Любознательного Ибодулло всегда тянуло к знаниям, открытиям. Он рано понял, что передовые знания в науках можно получить только через посредничество русского языка, поэтому после окончания средней школы в 1928 году отправил документы в Техническое училище города Ленинграда. Он поступил и преуспел в учёбе – окончил училище с отличием. Но этого ему показалось мало. Сразу после завершения курса названного учебного заведения, в том же году поступил в Ленинградский индустриальный институт. В этом головном институте России кроме технических дисциплин много часов уделялось экономике и размещению производительных сил в географическом плане – то есть как раз тому, в чём всегда, во все времена нуждалось и нуждается народное хозяйство любой страны. В те далёкие тридцатые годы он был единственным студентом, кто в этом институте, можно сказать, представлял всю Центральную Азию.

В 1935 году, завершив полный курс названного учебного заведения с красным дипломом экономиста, Ибодулло возвращается в Самарканд. В ту пору первых пятилеток такого уровня специалистов в Узбекистане можно было на пальцах одной руки пересчитать и, естественно, его стали приглашать на разные высокие должности.

Однако, как раз в эти годы, после провозглашения Таджикистана союзной республикой (1929 год), в среде населения Самарканда и Бухары началась массовая миграция таджиков на юг Средней Азии в город Сталинабад. Этот процесс был запущен решением Политбюро и всесоюзным руководством в Москве, которые понимали, что на момент реорганизации Таджикистан остро нуждается в специалистах и кадрах. На этой волне переселения Ибодулло Нарзикулов вместе с другими талантливыми молодыми специалистами переехал в Таджикистан.

Сразу же по прибытии, в том же 1935 году, он начал свою трудовую деятельность в должности экономиста в Госплане республики. Трудился с максимальной отдачей, и в 1937 году его приглашают на работу в Комиссариат народной промышленности, а с

1938 по 1941 годы он становится заведующим отделом планирования и экономики в этой головной организации республики. В 1941 году, как ответственного специалиста и знатока русского языка, его назначают помощником Председателя Совета народного Комиссариата Таджикистана. В те годы председателем Народного комиссариата являлся Махмадали Курбанов, который сразу признал в молодом помощнике незаурядного экономиста. По его рекомендации в 1943 году Ибодулло Нарзикулова назначают на должность Председателя Госплана Таджикской республики.

Экономистам известно, что процесс предварительного планирования был и остаётся лучшим экономическим подспорьем не только для развития важнейших отраслей народного хозяйства, но и для повышения уровня народного образования, науки, здравоохранения. Перспективные планы И. Нарзикулова, образно говоря, были теми рычагами, которые ступень за ступенью поднимали экономику республики на новую высоту. При этом его кредо оставалось неизменным: наука и научный подход - приоритеты планирования.

Будучи приверженцем науки, в 1946 году И.Нарзикулов поступает в аспирантуру Института экономики Академии наук СССР в Москве. В процессе учёбы в аспирантуре ему представилась редкая возможность познакомиться с выдающимися учёными экономистами времени, пользоваться их трудами в библиотеке института и Государственной библиотеке имени В.И.Ленина. Он старался, и эти старания реализовались в труд. В 1950 году им была написана и защищена диссертация под названием: «Развитие кустарной промышленности в Таджикистане», которую успешно защитил в названном институте.

После обучения в Москве он возвратился в Сталинабад, и какое-то время работал в должности заместителя председателя Таджикского филиала Академии наук СССР (1950 – 1951 годы).

Когда в 1951 году в Таджикистане филиал реорганизовался в самостоятельную структуру -- в Академию наук, в которой первым Президентом был избран писатель Садриддин Айни, Ибодулло Нарзикулов стал академик-секретарём в этой организации. Вместе с С.Айни молодой учёный проработал до 1954 года. А затем его назначили ректором Таджикского Государственного университета.

И в должности руководителя университета им было осуществлено много организационных нововведений. При нём были открыты несколько новых факультетов, а количество студентов выросло в несколько раз. При этом, чтобы качество обучения соответствовало требованиям времени, им в Сталинабад на работу и постоянное место жительство приглашались видные учёные из других городов страны. Тогда же, приложив массу стараний, он создал и открыл для студентов большую университетскую библиотеку; тогда же, по его инициативе, в университете был образован и открыт экономический факультет.

В эти годы Ибодулло Нарзикулов, как учёный и воспитатель молодых учёных, достиг вершины своего судьбоносного предназначения - он стал широко известен в республике. В 1956 году его, как государственника, назначают на должность заместителя Председателя Совета Министров Таджикской ССР. Однако и здесь, несмотря на высокую государственную должность, признание организаторских заслуг, И.Нарзикулов не расставался с наукой. В 1956 году в издательстве «Географгиз» в Москве вышла его книга– совместно с С.Н.Рязановым – «Таджикская ССР», объёмом 20 печатных листов. В течение многих лет эта книга являлась основным учебным пособием по экономической географии в учебных заведениях Среднеазиатских республик.

В 1957 году после неоднократных прошений И.Нарзикулов возвращается в Академию наук. В здании Президиума Академии в качестве вице- президента в течение десяти лет – до 1968 года, он занимается творческой, плодотворной работой. И приоритетным достижением на этом посту было то, что при Академии открылся Совет по изучению производительных сил (СОПС). Этот институт – детище учёного, стал заниматься конкретными вопросами текущего и перспективного планирования, в том

числе по вопросам рационального использования природных ресурсов и размещения производительных сил. В самое короткое время в СОПСе были открыты отделы «Минерально-сырьевые ресурсы», «Водно-энергетические ресурсы», «Трудовые ресурсы», «Развитие сельского хозяйства».

После укомплектования отделов кадрами, уже в первые годы для подробного изучения природных ресурсов из СОПСа в долины Зеравшана и Вахша были направлены две научные экспедиции. Участники экспедиции, после обработки полученных материалов, предоставили руководству страны подробную географическую картину природных ресурсов обеих долин, возможности размещения на них промышленных предприятий, разработки подземных залежей полезных ископаемых, прокладку и строительство дорог, создание здесь жилищной инфраструктуры. Тогда же результаты экспедиции были опубликованы в двух монографиях: «Проблемы развития производительных сил Зеравшанской долины» и «Пути развития производительных сил Вахшской долины».

В СОПСе Ибодулло Нарзикулов отличился и тем, что подобрал редкое сочетание учёных – экономистов, географов, геологов, биологов, которые решали, казалось бы, несовместимые задачи.

В 1965 году в этом удивительном коллективе учёных родилась идея создать картографический атлас Таджикской ССР. Подобные комплексные атласы уже были в РСФСР, Белоруссии, Украине и Грузии. Идею поддержали и утвердили. И вот, чтобы осуществить её, приступить к весьма трудоёмкой работе, в СОПСе был открыт новый отдел – «Отдел Атласа», который возглавил видный советский учёный географ и биолог профессор Станюкович К.В.

Ибодулло Нарзикулов хорошо понимал, что в комплексном Атласе, кроме представления картины природы, запасов воды, полезных ископаемых, климата, мира животных и растительности, почвы, важным было отметить и бережное отношение к природному балансу среды, что подробно было освещено в первой части Атласа. Во второй же его части речь идёт о населении, размещении промышленных предприятий, энергетике, топливно-энергетических ресурсов, чёрной и цветной металлургии, машиностроении, строительных материалах, лёгкой и пищевой промышленности, и, конечно же, о развитии сельскохозяйственной отрасли – освоению новой техники, разбивке новых посадок садов и виноградников, определению пропорций посевных площадей под овощные культуры и хранению сельхозпродукции. А на последних страницах Атласа приводились проекты подъездных путей к местам производства, в том числе для автомобильного, железнодорожного и воздушного транспорта. Здесь же указывались пути развития внутренней и внешней торговли Таджикистана.

Достоинство Атласа было в том, что в представленной карте каждую отрасль хозяйствования, будь то природные богатства недр, промышленность или сельское хозяйство, транспорт – её сопровождало подробное изложение их освоения и использования.

Ибодулло Нарзикулов хорошо понимал, что для осуществления этих грандиозных проектов нужны кадры и специалисты, поэтому для ознакомления и привлекательности республики, распространения сведений о ней во всём Советском Союзе, Атлас издали на русском языке. Справедливости ради надо отметить, что во времена её становления в республике не было картографов – ни русскоязычных, ни таджикоязычных. Поэтому, чтобы выйти из затруднительного положения, Ибодулло Нарзикулов обратился за помощью к ректору Университета имени Михаила Ломоносова (МГУ) города Москвы. В 1965 году между Академией наук Таджикской ССР и МГУ имени М. Ломоносова было подписано Соглашение о сотрудничестве. В том же году по договору с лабораторией картографии МГУ в Душанбе приехала группа картографов. Тогда (в 1966) нас, троих выпускников географического факультета, пригласили на работу в Академию, в СОПС. Среди этих трёх выпускников был и ваш покорный слуга. Когда декан факультета вызвал меня в кабинет и объявил о том, куда я направляюсь на

работу, радости моей не было предела. В те годы престиж науки был необычайно высок, а Академия наук считалась недосягаемым Олимпом.

Исследователи дают следующие определения НСЖ: «Накопительное страхование жизни представляет собой способ финансирования целевых расходов страхователей, а также страховую защиту их жизни и здоровья. К примеру, целью покупки продукта НСЖ может

---

[1] Страховой случай - событие, при наступлении которого в силу закона или договора страхования страховая (перестраховочная) организация обязана произвести страховую выплату (страховое возмещение) [1, 3].

быть формирование капитала на образование детей или формирование резерва на непредвиденные расходы в будущем» [5, 476].

В отличие от КРС накопительное страхование жизни вместе с возможностью страхования на случай наступления трагических событий, предоставляет возможность накопить определенную сумму, обеспечивает прирост суммы страховой компенсации и возможность получения выплаты по истечении срока договора. Другими словами, сочетает в себе и накопление, и страхование.

Этот вид страхования позволяет накапливать денежные средства на товары или услуги, требующие значительных расходов, как, например, приобретение недвижимости, образование детей, пенсионное обеспечение. Договор накопительного страхования заключается на длительный срок от 10 лет и более. Застрахованный регулярно, обычно ежемесячно или ежеквартально, вносит страховые взносы. Размер взноса зависит от суммы страхового покрытия, продолжительности страхования, возраста, профессии страхователя, его среднемесячного дохода и других факторов. По окончании срока договора или в результате страхового случая, страхователь полностью выплачивает страховую сумму выгодоприобретателю,[2] которым может стать, как юридическое, так и физическое лицо.

С переходом Республики Таджикистан к рыночным отношениям в страховом секторе происходят коренные изменения, которые формируются в систему, обеспечивающую социальную безопасность населения, значительно расширяют доступ к страховым услугам как физических, так и юридических лиц. Также происходит быстрая диверсификация видов страховых услуг.

Зарождение страхового рынка в Таджикистане началось в 1992 году, когда была создана первая частная страховая компания «Муин», а в 1995 году – государственная страховая организация «Таджиксармоягузор». В начале 1998 года на страховом рынке страны уже 10 частных и 2 государственных компании («Точиксуғурта» и «Таджиксармоягузор») предоставляли страховые услуги. По данным Национального банка Таджикистана (НБТ) с 2021 года 19 страховых компаний, из которых 2 государственных и 17 частных, предоставляют страховые услуги. Их количество по сравнению с 2020 годом увеличилось на 1 единицу за счёт двух новых страховых компаний - ООО «ДС страхование» и ЗАО СО «Паймон Иншуренс» и аннулированием лицензии в связи прекращением деятельности ООО “Центра поддержки взаимного страхования” (см. Диаграмму 1).




**Диаграмма 1. Динамика профессиональных участников страхового рынка**

**Источник**: *Рассчитано автором на основании отчета Национального Банка Таджикистана* [2, 1-2].

[2] Выгодоприобретатель - физическое или юридическое лицо, назначенное страхователем в страховом договоре для получения страховой выплаты (страховых возмещений), занесенное в страховой полис) [1, 2].

ООО «Центр поддержки взаимного страхования» прекратил свою деятельность в связи с нарушением требований законодательства страхового сектора. Количество филиалов страховых организаций в 2021 году составило 72 единицы, что на 5 единиц меньше по сравнению с предыдущим годом. Уменьшение произошло вследствие сокращения количества бездействующих филиалов государственной компании «Точиксугурта». Удельный вес государственных компаний на страховом рынке страны (10,5%) свидетельствует о невысоком уровне централизации страхового рынка республики и развитии на нём конкуренции.

Реализация Постановления Правительства Республики Таджикистан от 31 марта 2020 года «О минимальном размере уставного капитала страховых организаций» позволила страховым компаниям увеличить уставной капитал. Общие активы страховых организаций за 2021 год составили 527,3 млн. сомони, что больше на 114,9 млн. сомони (27,9%) по сравнению с предыдущим годом (см. Диаграмму 2).




**Диаграмма 2. Динамика активов страховой системы за 2015-2021 гг.**
**Источник**: *Обзор системы страхования Республики Таджикистан, Национальный банк Таджикистана* [2, 2].

Наибольший вклад в рост активов в 2021 году внесли пять страховых компаний: ЗАО “СО “Сугуртаи аввалини милли” в размере 52,4 млн. сомони, ООО “СО Бима” в размере 9,6 млн. сомони, ООО “СО Бовари” в размере 6,9 млн. сомони и появлением на страховом рынке страны новых компаний, таких как ЗАО СО “Паймон Иншуренс” и ООО “ДС страхование” с общим объёмом уставного капитала в размере 40,3 млн. сомони. Первые три компании, являющиеся уже ветеранами страхового рынка, составляют всего 9% от общего количества страховых компаний, но их доля в росте активов за 2021 год составила 59,8%. И доля двух новых компаний составила 35,1% от общего прироста страховых активов. Следует иметь в виду, что для этих компаний это не рост активов, а первоначальные активы. Тем не менее, их вклад в общий показатель роста активов значителен.

Страховая премия[3] является источником доходов страховых компаний. Отчетные данные НБТ показывают, что за 2021 год общий объем страховых премий составил 287,0 млн. сомони, что составляет рост на 51,1 млн. сомони (21,7%) по сравнению с 2020 годом (см. Диаграмму 3).

[3] Страховая премия (страховой взнос) - обусловленная договором плата, которую страхователь обязан уплатить страховой (перестраховочной) организации в порядке и сроки, установленные договором страхования [1, 3].




**Диаграмма 3. Динамика страховых премий в 2015-2021 годы**

**Источник**: *Национальный банк Таджикистана. Обзор системы страхования Республики Таджикистан* [2, 4]

Рост страховых премий является основой финансовой стабильности и платежеспособности страховых компаний. Наибольший вклад в рост поступлений страховых премий в 2021 году внесли ООО «СО Бима» - 28,2 млн. сомони, ЗАО СО «Паймон Иншуренс» - 24,2 млн. сомони, ГУП «Точиксугурта» - 9,0 млн. сомони и ООО «СО Бовари» 4,5 млн. сомони. Эти четыре компании внесли вклад в общий показатель прироста по стране в сумме 65,9 млн.сомони. Эта цифра выше, чем общий прирост по всему страховому сектору. Другими словами, в некоторых страховых компаниях показатель страховых премий сократился.

Следует обратить внимание на изменение тенденции за анализируемый период в структуре страховых премий по видам страхования – обязательному и добровольному. Так, доля страховых премий по обязательному страхованию в общем объеме страховых премий сократилась с 31,5% в 2019 году до 21,7% в 2021 году, а доля страховых премий по добровольному страхованию увеличилась с за эти годы с 65,8% до 78,4% (см. Диаграмму 4).




**Диаграмма 4. Динамика страховых премий по видам страхования, 2015-2021г.**

**Источник**: *Рассчитано автором на основании отчета Национального Банка Таджикистана [2, 5].*

Следует отметить, что показатель обязательного страхования в таблице объединяет суммы страховых премий по обязательному государственному и обязательному страхованию в негосударственных страховых компаниях, при этом, соотношение между обязательным государственным и обязательным негосударственным страхованием в 2021 году составляло 1:53. Это соотношение значительно изменилось в пользу негосударственного обязательного страхования в 2015 году, когда соотношение между ними составляло 1:39. Другими словами, заметно расширился охват обязательным страхованием частными компаниями.

Позитивные изменения в структуре страховых премий в пользу добровольного страхования являются результатом совершенствования правовой базы для развития сектора страхования, повышения доверия физических и юридических лиц к страховым услугам, а также развития самих страховых компаний, разрабатывающих новые услуги, соответствующие потребностям клиентов.

Страховые компании предлагают страхователям услуги более чем по 130 видам добровольного страхования. Однако, дезагрегированных данных по добровольному страхованию в доступных источниках нет, что ограничивает возможности для более детального анализа тенденций развития различных направлений страхования, как накопительное страхование, страхование жизни или НСЖ. Анализ структуры и динамики этих показателей будет полезен для выявления барьеров и возможностей развития этих направлений в страховании.

На сегодняшний день, несмотря на позитивные тенденции развития сектора страхования в Таджикистане, необходимо рассмотреть примеры стран, которые добились значительных результатов в НСЖ.

Страхование в развитых странах является одним из важных факторов стабильности общества, благодаря страховым резервам и фондам, которые являются основными источниками компенсации убытков или ущерба, полученного в результате непредвиденных обстоятельств. В развитых странах значительное аккумулирование финансовых ресурсов и привлечение их в экономику страны достигается за счет программ долгосрочного страхования жизни, которые выступают инструментами накопления для населения.

Исследования, проведенные в зарубежных странах, свидетельствуют, что НСЖ является обязательным условием социальной защиты каждого гражданина. Согласно исследованиям, на первом месте по накопительному страхованию в мире находится США, на втором – Китай, на третьем – Япония, на четвертом – Великобритания, на пятом – Германия [5, 478]. Как видим, самый высокий уровень НСЖ наблюдается в странах с развитой экономикой.

В развитых странах для обеспечения себя достатком в пенсионном возрасте, люди открывают страховой полис в работоспособном возрасте и, делая посильные взносы на накопительное страхование жизни, к завершению своей карьеры аккумулируют средства, обеспечивающие безбедную жизнь в пенсионном возрасте. Так, доля премий по страхованию жизни в мире составляет 58% в общем показателе страховых премий, в США страхование жизни занимает 51%, в Евросоюзе – 61%, в РФ – 45% рынка [8].

В соответствии со статьёй 23 «Накопительное страхование» Закона РТ «О страховой деятельности» страхование к наступлению конкретного события в жизни застрахованного человека предусматривает страховую выплату в установленном размере при наступлении заранее обозначенного события в жизни застрахованного лица [1, 16].

Для составления полной картины применения НСЖ в Таджикистане необходимо отметить, что на сегодняшний день одной из основных проблем оценки деятельности рынка страхования в Республике Таджикистан является недостаточно развитый механизм сбора и обработки статистических данных. К ним относятся: отсутствие статистических данных некоторых показателей, например, премий НСЖ по сегментам и видам, а также данных, дезагрегированных по областям или административным районам.

Оценка внутренних и внешних факторов, которые влияют на развитие отрасли НСЖ в Таджикистане и его применения для потенциальных клиентов показала причины, создающие определённые условия для страхователя.

**Сильные стороны НСЖ.**

1) **Неизменность условий договора.** При заключении страхового договора страховщик в обязательном порядке запрашивает данные о состоянии здоровья страхователя. Ясно, что чем моложе человек, тем у него меньше проблем со здоровьем, значит, тем легче будет заключить договор НСЖ. Риски и тариф при заключении страхового договора будут обозначены и будут оставаться неизменными в течение срока действия страхового договора, даже если появится какое-либо заболевание. При расчёте тарифа учитываются данные «среднестатистического» человека с аналогичными исходными параметрами [9]. Тяжёлые заболевания могут развиваться долгое время, поэтому при продлении страхового полиса следует отметить их в договоре. Это может привести к применению заградительного тарифа либо к устранению некоторых рисков. Умалчивание о заболевании может привести к отказу в выплате.

2) **Удобство.** Заключая договор НСЖ, страхователь обеспечивает себе накопление и сохранность денежных средств, а также защиту в непредвиденных ситуациях.

3) **Долгосрочность.** Чаще всего банки предлагают разместить депозиты на срок до 5 лет. Для договоров НСЖ срок страхования составляет от 5 лет и выше. Средний срок страхования – 15 лет. Максимальный срок назначается, исходя из возраста, в котором заключается соглашение (в большинстве случаев срок соглашения составляет до 20-ти лет). Во время действия соглашения, если не наступают страховые случаи, фактически единственное действие клиента – это оплата страховых взносов.

4) **Особый статус.** Положительным аспектом в рамках НСЖ выступает также особый статус, который возникает при заключении соглашения НСЖ: если в соглашении обозначен выгодоприобретатель, в случае смерти клиента страховую выплату производят выгодоприобретателю, то есть её не включают в состав наследства. Взносы по страховым полисам не считаются «имуществом» в понимании ГК, не подлежат разделу, аресту, конфискации.

5) **Страховые выплаты не облагаются налогом на доходы физических лиц.** Страховые выплаты по некоторым рискам (например, риск ухода из жизни) в отличие от доходов по банковскому вкладу и доходов от паевых инвестиционных фондов не облагаются налогом. По риску дожитие обложению подлежит разница между суммой взносов и суммой страховой выплаты.

**Слабые стороны» накопительного страхования жизни**

1) **Долгосрочность.** Является одним из плюсов НСЖ и одновременно одним из его основных минусов, в особенности в условиях нынешней экономической ситуации. При значительной инфляции быстро обесцениваются взносы, а «выйти» из таких договоров без значительных потерь очень сложно. При расторжении соглашения о НСЖ оплаченные раньше страховые взносы не возвращаются, появляется лишь право на выкупную сумму. В случае расторжения страхового договора необходимо возвратить социальные налоговые вычеты (если они производились). Их размер будет удержан из выкупной суммы страховой организацией, если страхователь не предоставит справку от налоговой службы о том, что вычеты не были получены.

2) **Отсутствие гарантий возврата страховых взносов при отзыве лицензии страховой организации**. Сегодня в Таджикистане нет механизма госгарантий, таких, как фонд страхования вкладов в банковском секторе. Трудно спрогнозировать, что будет через 15-20 лет с определённым страховщиком, в частности, и со страховым рынком, в общем. Даже если страховщик внушает абсолютное доверие, нет гарантий, что через 10 лет эта страховая компания по какой-либо причине не продаст бизнес. Например, в РФ буквально 10-15 лет назад практически у всех крупных операционных компаний были в своих холдингах страховщики. Сегодня почти все эти страховые организации сменили собственников.

3) **Невысокая доходность.** В целом доходность по договорам НСЖ значительно проигрывает другим страховым инструментам.

4) **Обязанность регулярного внесения страховых взносов** – условие, которое отличает программу накопительного страхования жизни от обычного депозита. Если клиент

заключил договор, по которому он обязан платить определённую сумму ежегодно – значит надо исполнять условия договора.

5) **Инвестиционный доход начисляется спустя минимум год после начала программы НСЖ (не сразу).**

6) **Наличие «выкупной суммы».** Разница между суммой взносов и рассчитанной страховщиком выкупной суммой – это деньги, которые клиент заплатит страховой компании за досрочное прекращение договора. И эта сумма весьма значительна. Она может составлять 120% от ежегодных взносов.

**Возможности – для развития НСЖ**

1) **Возможность накопления значимой суммы.** Накопления на пенсию, обучение детям, на дом.

2) **Возможность получать страховую выплату в порядке ренты.** При накоплении суммы к концу срока страхования клиент может выбрать условия получения страховой выплаты ежемесячными равными платежами с начислением дополнительного инвестиционного дохода на остаток.

3) **Технически можно менять условия договора.** Можно уменьшить сумму страховых взносов, время действия договора, перевести договор в состояние оплаченного. Однако во всех этих случаях с клиента будет удержана значительная сумма. Все зависит от условий договора страхования и гибкости страховщика.

4) **Возможность индексации договора.** Клиент имеет право воспользоваться механизмом индексации для увеличения страховой суммы и страховых взносов. Этот механизм позволяет обезопасить накапливаемые средства от инфляции.

**Угрозы для развития НСЖ**

1) **Ключевой риск накопительной программы страхования жизни** – это смерть или инвалидность застрахованного лица в результате несчастного случая или заболевания. Если такое событие наступает до окончания действия договора, страховая организация выплачивает выгодоприобретателю сумму, которую в итоге планировалось накопить. Соответственно, при неправильной системе андеррайтинга и при не правильных актуарных расчетах со стороны страховщика, имеется риск больших финансовых потерь для страховщика вплоть до его банкротства. А для страхователя – неполучение инвестиционного дохода или полная, или частичная утрата суммы оплаченных взносов в случае банкротства страховщика.

2) **Блокирование внесённых взносов от возврата.** Зависит от условий программы НСЖ конкретного страховщика, однако чаще всего если страхователь в течение первых 2-х лет действия договора страхования решит приостановить его действие, то ему ничего не вернут.

3) **Отсутствие гарантий получения инвестиционного дохода**. Инвестиционный доход может оказаться равным 0. Это значит, что весь год деньги страхователя поедала инфляция, и с этим ничего не сделать.

Таким образом, можно сделать вывод о том, что НСЖ – это проверенный временем инструмент. Он пользуется большой популярностью в развитых странах, в т.ч. для оптимизации расходов по налогообложению. В Таджикистане для потенциального клиента НСЖ присущи риски, которые нужно чётко понимать перед тем, как заключить договор.

Таким образом, динамика основных показателей развития страхового рынка Таджикистана позволила сделать вывод, что потенциал этого рынка весьма велик. Об этом свидетельствует рост страховых премий, количество игроков на рынке, а также рост по добровольному виду страхования. Несмотря на то, что услуги НСЖ в развитых странах с более развитым рынком страхования являются достаточно востребованным инструментом инвестирования и страховой защиты, быстрый рост данного сегмента в Таджикистане сдерживается некоторыми факторами, такими, как недостаточная текущая склонность граждан к сбережениям, низкая страховая, финансовая и инвестиционная культура населения, относительно высокий размер страховых взносов, а также сформированные стереотипы поведения и мышления.

В процессе исследования страхового рынка Таджикистана выявилось отсутствие доступных данных для более глубокого анализа отдельных видов страховых продуктов, а также их дезагрегация по регионам, по страховым продуктам и т.д. Более детальный анализ позволит фокусировать мероприятия на определенные группы населения.

Накопительное страхование жизни является мощным и гибким средством долгосрочного индивидуального финансового планирования, а страховые компании выполняют роль одного из главных финансовых институтов по аккумулированию сберегательных ресурсов населения. Из плюсов можно выделить такие, как неизменность условий договора, удобство, долгосрочность, особый статус, отсутствие обложения налогом на доходы физических лиц страховых выплат. К минусам относятся долгосрочность, отсутствие гарантий возврата взносов в случае отзыва лицензии страховой компании, невысокая доходность, обязанность регулярного внесения страховых взносов, начисление инвестиционного дохода не сразу после начала программы НСЖ, а спустя минимум год, наличие «выкупной суммы». К возможностям относятся потенциал накопления значимой суммы, индексация, возможность технически изменять условия договора. К угрозам можно отнести риск накопительной программы страхования жизни – это смерть или инвалидность застрахованного лица в результате несчастного случая или заболевания, блокирование внесённых взносов от возврата и отсутствие гарантий получения инвестиционного дохода.

Исходя из этого, исследование вопросов перспективы развития НСЖ приобретает особую значимость и для этого необходимо усовершенствовать систему учета и обработки статистической информации страхового сектора и условий страхования, в т.ч. в разрезе областей, видов страховых продуктов, гендера, возрастных категорий, чтобы выявить предпосылки развития рынка страхования как фактора повышения социальной и экономической сферы экономики страны.

Совершенно точно не следует рассматривать программу НСЖ в качестве альтернативы депозиту. Это совсем разные продукты, и они выполняют разные задачи для страхователя. На депозит можно положить деньги, при желании можно пополнить его. А страховые взносы по НСЖ страхователь обязан уплачивать всегда. Клиент может снять с депозита денежные средства, потеряв небольшую часть накопленных процентов, вернув всю внесённую сумму, а при досрочном расторжении договора НСЖ страхователь заплатит существенную сумму, и в итоге может получить даже меньше, чем внёс. При этом, при внесении только первого страхового взноса, клиент уже имеет существенную страховую защиту, и при наступлении страхового события страховщик будет обязан выплатить сумму, равную сумме, которую страхователь хотел накопить. Данная сумма может во много раз превышать сумму оплаченных страховых взносов, что при банковском депозите невозможно. В связи с этим устойчивое развитие рынка страховых услуг в соответствии с требованиями международных стандартов, охватывающих все больший круг социальных групп, классов, приведут к стабильному росту экономики республики. [4]. Опыт стран с более развитыми рынками страхования жизни свидетельствует о значительных перспективах развития данного сегмента страхового рынка.

**Литература:**

*1. Закон Республики Таджикистан о страховой деятельности. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2016 г., №7, ст. 627; Законы РТ от 02.01.2018 г., №1487; от 02.01.2019 г., №1573). -26с. //http://ncz.tj/system/files/Legislation/1349_ru.pdf.*

*2. Национальный Банк Таджикистана (НБТ), /Обзор системы страхования Республики Таджикистан в 2021 году. - 10с. https://nbt.tj/files/sugurta/bozorisugurtavi/2021/Sharhi_nizom_solona_2021.tj.pdf. Дата обращения 02.02.2023*

*3. Авакян А.М. Страхование жизни: зарубежный опыт и необходимость развития в России// Теория и практика общественного развития. 2014, № 15-С.36,*

*4. Урунов А.А. Стратификация современного российского общества: методика, анализ и тенденция. Вестник Университета, № 6 , г. Москва 2019г., с.184-190.*

*5. Храмченко А.А., Захарян А.В., Алмаматов Т.Ж., Варельджан А.А. - Страхование жизни как элемент поддержания государственной экономики . Вестник Академии знаний, 2022.-№48(1) – 491 с.*

*6. Шаропов Н. О страховом рынке РТ и о термине «сугурта». Экономика Таджикистана: 2018г. № 3 -154с.*

*7. Шаропов Н. Роль обязательного страхования в капитализации средств страховых компаний: на примере страхового рынка Республики Таджикистан: диссертация кандидата экономических наук: 08.00.05. - Душанбе, 2007., 182 с.*

*8. История страхования жизни // ЗАО «УРАЛСИБ Жизнь». https://www.uralsib-life.ru/straho-vanie-zhizni/istoriya.wbp. Дата обращения: 08.02.2023*

*9. https://www.banki.ru/news/columnists/?id=8266831 .Дата обращения: 08.02.2023*

**Бердыева М.**

## СУҒУРТАИ ҶАМЪШАВАНДАИ ҲАЁТ ДАР ТОҶИКИСТОН: ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ДУРНАМОИ ОН

**Докторанти Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

*Рушди иктисодиёт талаботи аҳолиро ба суғуртаи манфиатҳои молумулкӣ ва иҷтимоӣ зиёд менамояд. Айни замон дар бозори суғуртаи Тоҷикистон тамоюли мусбат мушоҳида мешавад. Мавзӯи таҳлил дар мақолаи мазкур яке аз намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ – суғуртаи ҷамъшаванда мебошад, ки дар марҳилаи ибтидоии рушд, имкониятҳо ва монеаҳои васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба ин намуди суғурта қарор дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *суғуртаи ҷамъшаванда, суғуртаи ҳаёт, маҳсулоти суғуртавӣ, сармоягузориҳо.*

**Berdyeva M.**

## UNIVERSAL LIFE INSURANCE IN TAJIKISTAN: CURRENT STATE AND PROSPECTS

**Institute of Economics and Demography**
**of the National academy of sciences of Tajikistan**

*The development of the economy increases the need of the population for insurance of property and social interests. Nowadays, the insurance market in Tajikistan shows a positive trend. The subject of analysis in this article is one of the types of voluntary insurance - universal life insurance, which is at the initial stage of development, opportunities and barriers for expanding the population's access to this type of insurance.*

***Key words***: *universal life insurance, insurance products, investments.*

***Сведения об авторе:***

***Бердыева Мухайе*** – докторант Института экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистана,

**УДК 314.7, 325.1.3 (575.3)**

**Бабаев А.А.,**
**Мирсаидов Ф.А.**

# САМТҲО ВА ҲАДАФҲОИ АСОСИИ РУШДИ МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ЧАҲОРЧӮБАИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2030

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳо оид ба самтҳо ва ҳадафҳои асосии рушди муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар чаҳорчӯбаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мавриди омӯзиш қарор дода шуданд. Инчунин, сиёсати давлатӣ доир ба паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ бо маоши арзанда дар бахшҳои иқтисодиёти мамлакат, нишондиҳандаҳои муқоисавии қувваи корӣ ва дигар омилҳои таъсирбахш ҷиҳати таъмин намудани рушди кишвар инъикос гардидаанд.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, самтҳо ва ҳадафҳо, стратегияи миллии рушд,муҳоҷирати меҳнатӣ,бозори меҳнат, ҷойҳои нави корӣ.*

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ масъалаи оқилона ва самаранок истифода бурдани иқтидори захираҳои меҳнатӣ бо мақсади барқарорсозӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат, инчунин, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ аҳамияти махсус дорад. Аз нигоҳи илмию амалӣ масъалаи мазкур тайи даҳсолаҳои охир барои бисёр давлатҳои дунё ва аз он ҷумла барои Тоҷикистон низ хусусияти боз ҳам муҳимро қабул намудааст, ки ояндабинии рушди босуботи кишварамон дар чаҳорчӯбаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян карда шудаанд. Мутобиқи ҳуҷҷати Стратегияи номбурда барои расидан ба вазифаҳои гузошташуда дар 15 соли наздик, мақсадҳои стратегии зерин қабул гардидаанд [1, 9]:

А) таъмин намудани мустақилияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки барқ;

Б) баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани мамлакат;

В) таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизодиҳии сифатнок;

Г) васеъгардонии шуғли пурмаҳсул.

Аз чор мақсади асосии гузошташуда дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 банди охирони он - **васеъгардонии шуғли пурмаҳсул** бевосита ба мавзуи ҳозираи мо дахл дорад, зеро маҳз дар матни банди мазкур самтҳо ва ҳадафҳои асосии рушди муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дарҷ карда шудаанд, ки татбиқи ҳуҷҷати Стратегия бояд амниятро дар соҳаи муҳоҷират ҳамчун омили муҳимми таъмини рушди иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин созад.

Инак, самтҳои асосии рушди муҳоҷират ҳамагӣ бо як сарсатр ишора карда шудааст ва он чунин мебошад:

- Диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии беруна, аз ҷумла, бо дарназардошти омили гендерӣ ва мустаҳкам намудани танзими давлатии чараёни баргаштани муҳоҷирон [2, 12].

Албатта, масъалаи болозикри гузошташуда дар раванди рушд аҳамияти калон дорад, лекин дар самти муҳоҷират дигар масъалаҳои афзалиятнок низ мавҷуданд ва дар ҳолати кайд кардани моҳияти онҳо, самти фаъолият ва ҳадафхои асосии рушди муҳоҷират боз ҳам ҳалталабу аҳамиятнок мегардиданд. Ба чунин вазифаҳои аввалиндараҷа дохил мешаванд: муайян ва татбиқ намудани сиёсати давлатии пайдарҳам ва самараноки муҳоҷиратӣ; такмили қонунгузории миллӣ ва ба имзо расонидани созишномаҳои нави байналхалқӣ дар самти муҳоҷират; рушди ҳамкориҳои байниидоравӣ дар дохили кишвар ва пурзур намудани ҳамкориҳои байнидавлатӣ бо мамлакатҳои қабули муҳоҷирон; рушди институтсионалии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба муҳоҷират ва барпо кардани институти муҳоҷират бо иштироки ҳамаи сохторҳои давлатӣ; устувор намудани ҳамкориҳо бо диаспораҳо, ҳамватанони бурунмарзӣ ва муҳоҷирони меҳнатӣ ҷиҳати ҳавасманд ва ҷалб кардани

маблағҳои онҳо дар раванди рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, татбиқи лоиҳаҳои давлатӣ бо ҷалби муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта ва аъзои оилаи онҳо, инчунин дигар вазифаҳои муҳим.

Ҳамзамон, дар фасли 2-и Стратегия (Даъват ва имкониятҳо барои рушд) нархи баланди иҷтимоии муҳоҷирати меҳнатии беруна дарҷ карда шудааст, ки маблағҳои интиқолшуда ба кишвар 40%-ро нисбат ба ММД ташкил медиҳанд ва ҳар сол зиёда аз 600 ҳазор нафар ба раванди муҳоҷирати меҳнатӣ фаро гирифта мешаванд. Масъалаҳои саривақт ҳалнашуда оид ба фаъолияти расмӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон дар қаламрави кишвари қабул, инчунин мушкилиҳои афзоишёбандаи иҷтимоӣ дар оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба ташаккулёбии институтҳои озордида ба монанди "занони муҳоҷирон" ва "кӯдакони кӯча" оварда мерасонад.

Ба ғайр аз он, оид ба камшавии маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ қайд карда мешавад, ки ин омил ба даромади аҳолии кишвар таъсир расонида метавонад, зеро қисми зиёди оилаҳо маҳз аз чунин фаъолият даромад доранд. Бо камшавии ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, мувофиқан хароҷоти аҳолӣ низ кам мегардад [3, 32].

Мутобиқи ҳуҷҷати Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 (банди 5.2. – Шуғли пурмаҳсул), ба ғайр аз дигаргун намудани самти муҳоҷирати меҳнатии беруна, инчунин масъалаҳои омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, рушди барномаҳо оид ба расмигардонии фаъолияти муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии онҳо, инчунин ҳалли дигар чорабиниҳои давлатӣ пешбинӣ шудаанд [4, 84-85]. Ин гуна масъалагузории Ҳукумати мамлакат бар манфиати муҳоҷирон мебошад ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда ба татбиқи нақшаҳои давлатӣ марбут ба таъмини шумораи муайяни захираҳои меҳнатии Тоҷикистон бо шуғли пурмаҳсул дар хориҷи кишвар мусоидат менамояд. Чунин истифодабарии қувваи кории барзиёд дар ҳудуди дигар мамлакатҳо, аз ҷониби бисёр давлатҳои хориҷи дуру наздик мавриди амал қарор дода мешавад ва ин таҷрибаи байналхалқиро ба инобат гирифтан лозим аст. Мубодилаи қувваи корӣ бар манфиати ҳамаи тарафҳо – кишварҳои қабулкунандаю интиқолдиҳанда ва худи муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад ва аз ин хотир, Тоҷикистонро лозим аст иқтидори муҳоҷиратро мисли дигар кишварҳои тараққикардаи дунё, дар раванди рушди мамлакат ва беҳтар намудани некӯаҳволии шаҳрвандон самаранок истифода барад.

Чи тавре, ки мебинем, самтҳо ва ҳадафҳои асосии рушди равандҳои муҳоҷират хеле зиёду гуногунанд ва ин вобаста ба он аст, ки ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ дар миқёси ҷаҳон ба шакли глобалӣ мубаддал гаштааст. Мутобиқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, агар дар солҳои 60-уми асри гузашта шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷаҳон 65 миллион нафарро ташкил намуда бошад, пас ин рақам дар соли 2010 ба 214 миллион ва соли 2019 ба 272 миллион нафар расидааст. Ҳамчунин, дар асоси пешбиниҳои коршиносони СММ, то соли 2050 бо сабабҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ, экологӣ ва ғайраҳо шумораи муҳоҷирон дар ҷаҳон ба 405 миллион нафар мерасад [5, 137], яъне равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ сол то сол зиед гардида, ҳудуди давлатҳои хориҷи дуру наздикро дар бар мегирад.

Аз ин хотир, олимону коршиносони ватанию хориҷӣ бар он ақидаанд, ки нисбати чунин зуҳуроти глобалӣ ба мисли муҳоҷирати аҳолӣ диққати ҷиддӣ зоҳир намудан лозим аст. Зеро, бисёр давлатҳои муваффақ дар ин самт тавонистанд бо роҳи татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷират, ба натиҷаҳои дилхоҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварашон ноил гарданд.

Бояд қайд кард, ки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷират ба паст кардани шиддати он дар мамлакат, татбиқи чорабиниҳои давлатӣ оид ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ бо маоши арзанда дар дохили кишвар ва нигоҳ доштани ҷойҳои кории мавҷудбуда, расидан ба мақсадҳои шуғли пурмаҳсул ва зиёд намудани пасандозҳои шаҳрвандон барои баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва таъмини ҳаёти осудаҳолонаи мардуми кишвар равона карда шудаанд.

Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосӣ, вазифаҳо ва афзалиятҳо оид ба таъмини амнияти соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва худи муҳоҷирон, инчунин масъалаҳо марбут ба татбиқи сиёсати давлатии муҳоҷират ва идора кардани равандҳои он мутобиқи қонунгузории миллӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муҳоҷират муайян

гардидаанд. Ҳамзамон, бо дигаргун гаштани сиёсати муҳоҷиратии бисёр давлатҳои хориҷи дуру наздик ва тағйир ёфтани вазъи муҳоҷирати байналхалқӣ, зарурат ба миён омадааст, ки қонунгузории миллӣ дар ин самт такмил дода шуда, институтҳои ҳозиразамони муҳоҷират дар ҳамаи зинаҳои давлатӣ созмон дода шаванд.

Тайи солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз зуҳуроти нави муҳоҷиратӣ аз қабили баргаштани (рондан ва берун кардани) шумораи зиёди шаҳрвандони кишварамон аз ҳудуди Федератсияи Россия дучор гардидааст ва ин гуна зуҳурот дар ҳолати ба он диққат надодан, метавонад ба амнияти иҷтимоии мамлакат таъсири манфӣ расонад. Сабаби асосии баргаштани шумораи зиёди шаҳрвандон аз Россия, ин риоя накардани қонунгузории муҳоҷиратии ин давлат аз тарафи шаҳрвандони кишварамон мебошад, ки дар натиҷа ҳар сол тақрибан аз 100 то 300 ҳазор нафар шаҳрвандон ба рӯйхати "манъшудагон"-и мақомоти давлатии муҳоҷирати Россия ворид карда мешаванд.




**Диаграммаи 1. Шумораи "манъшудагон"-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2021 [6].**

Минбаъд ба шаҳрвандоне, ки дар рӯйхати "манъшудагон"-и Федератсияи Россия дарҷ карда шудаанд, ворид шудан ба ҳудуди ин кишвар аз 3 то 5 сол ва дар баъзе ҳолатҳои алоҳида то 10 сол манъ аст [7, 145]. Дар ин гуна вазъият Тоҷикистонро лозим аст, ки барномаҳои давлатиро оид ба ҳамгироии шаҳрвандон-муҳоҷирони меҳнатии баргашта дар раванди рушди мамлакат татбиқ намояд ва тавассути хизматрасонии давлатӣ чунин шаҳрвандонро ба шуғли пурмаҳсул фаро гирад. Мутаассифона, дар ин самт фаъолияти мақомотҳои дахлдори давлатӣ на он қадар назаррас мебошад ва шумораи ҳарсолаи шаҳрвандони кишварамон, ки ба рӯйхати "манъшудагон" ворид карда мешаванд, ба таври дилхоҳ паст карда нашудааст.

Ҳамзамон, ба масъалаи интиқоли маблағҳои муҳоҷирон, ки дар хориҷа будубош доранд таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, қайд кардан ба маврид аст, ки дар давоми солҳои 2007-2021 миқдори умумии маблағҳои гузаронидашудаи шахсони воқеӣ – муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳамватанони бурунмарзӣ ва диаспораҳо ба Тоҷикистон 34 млрд. 022 млн. доллари ШМА-ро ташкил дод [8, 185], ки ин натиҷа тасдиқи иқтидори бузург ва саҳмгузории муҳоҷирон дар раванди рушди босуботи мамлакат ва таъмини амнияти давлатӣ мебошад. Ягон вазорату идораи давлатӣ, созмонҳои байналхалқӣ ва институтҳои молиявӣ мисли соҳаи муҳоҷират чунин иқтидору имкониятро надоранд, ки аҳолии Тоҷикистонро бо чунин миқдори пули нақд дастгирӣ намоянд. Маблағҳои воридшудаи муҳоҷирон қобилияти харидории шаҳрвандони кишварро баланд мебардорад ва маблағҳои муҳоҷирон бевосита дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат саҳмгузор мебошанд.

Дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират ва ба танзим овардани чораёни он, инчунин ҷорӣ кардани сиёсати фасеҳ ва шаффоф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ ва самараноки истифода бурдани иқтидори муҳоҷирони меҳнатӣ, диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар рушди ҷомеа, вазифаҳои зиёд гузошта шудаанд ва ҳамаи онҳо дар ҳолати рушди ҳамкориҳои байниидоравию байнидавлатӣ

ҳалшаванда мебошанд.

Мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 самтҳо ва ҳадафҳои асосии рушди шуғли аҳолӣ муайян карда шудаанд ва бандҳои он ба чунин тарз ифода ёфтаанд [9, 12]:

- дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна дар шаҳрҳо ва деҳот, ҳамчун роҳҳои самараноки зиёд намудани шумораи ҷойҳои корӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ;
- ҳавасмандгардонии рушди "шуғли сабз", васеъгардонӣ ва дастгирии давлатии системаи соҳибкории экологӣ ва бозори хизматрасонии экологӣ;
- таъмин намудани аҳолии деҳот бо ҷойҳои корӣ тавассути ободонии заминҳои нав ва бекорхобида;
- рушди шабакаҳои маориф ҷиҳати тахассуснокии касбӣ, бозомӯзӣ ва баланд намудани ихтисоснокӣ бо дарназардошти талаботи занон, ҷавонон, гурӯҳҳои озордида, аз ҷумла маъюбон;
- татбиқи сиёсати давлатии шуғл ва сиёсати ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи маориф, инчунин дигар масъалаҳо.

Дар ҳуҷҷати Стратегия қайд карда шудааст, ки ҳолати воқеии ҷумҳурӣ аз "сеқисматии" бозори меҳнат иборат аст, ки ҳар қисмати он тақрибан баробарнокии шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатиро ташаккул медиҳанд. Ҳамзамон бояд тазаккур дод, ки дар сархати мазкур муҳоҷирати меҳнатиро бештар ғайрирасмӣ ва ғайриназоратӣ баҳодиҳӣ кардаанд, ки ин аз воқеият дур аст. Баръакс, маълумотҳои расмӣ шаҳодат медиҳанд, ки зиёда аз 60%-и муҳоҷирони меҳнатии кишварамон дар хориҷа фаъолияти худро расмӣ мегардонанд [10] ва дар ҳолати рушди ҳамкориҳои байниидоравию байнидавлатӣ, ин нишондиҳанда боз ҳам беҳтар мегардад.

Таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат бо шуғли пурмаҳсул барои афзоиш ёфтани истеъмол, захираҳои пулӣ ва сармояҳои шаҳрвандон мусоидат менамояд. Шумораи аҳолии синну соли қобили меҳнат соли 2030 ҳамагӣ 6,8 млн. нафарро ташкил медиҳад ва аҳолии машғул дар соҳаҳои иқтисодиёт бояд то соли 2030 то 70% зиёд гардад. Ҳиссаи шуғлнокӣ дар соҳаи хизматрасонӣ аз 27,6% то 60%, дар соҳаи саноат аз 3,3% то 15-20% афзоиш меёбад ва ин маънои онро дорад, ки то 70%-и захираҳои меҳнатии деҳоти мамлакат аз ҳисоби солҳои 2016-2030 дар соҳаи индустриалӣ, иҷтимоӣ ва муассисаҳои омӯзиши касбӣ машғул мешаванд. Шуғли расмӣ аз 40% то 70% аз ҳисоби шумораи умумии ба шуғл машғул будагонро дар ҷумҳурӣ ташкил медиҳад [11, 82].

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои муқоисавии қувваи кории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати солҳои 1991, 2000, 2010, 2020 (ҳазор нафар) [12].**

| № | Нишондиҳандаҳо | 1991 | 2000 | 2010 | 2020 | Афзоиш бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Шумораи аҳолӣ | 5,506 | 6,216 | 7,491 | 9,716 | 76,4 |
| 2. | Захираҳои меҳнатӣ | 2,526 | 3,186 | 4,495 | 5,585 | 121,1 |
| 3. | Аҳолии дар иқтисодиёт фаъол/машғул | 1,971 | 1,794 | 2,310 | 2,506 | 27,1 |
| 4. | Аҳолии дар иқтисодиёт ғайрифаъол/қувваи кории истифоданашуда | 555 | 1,392 | 2,180 | 3,068 | 552,7 |
| 5. | Сатҳи расмии бекорӣ | - | 2,7 | 2,1 | 2,1 | |

Айни замон бошад, вазъи самти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар кишварамон ба беҳбудӣ ниёз дорад. Тибқи ҷадвали 1-и дар боло овардашуда мумкин аст нишондиҳандаҳои қувваи кориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва баҳодиҳӣ кард.

Аз ҷадвали 1 дида мешавад, ки дар баробари афзоиши шумораи аҳолӣ ва захираҳои меҳнатии кишвар, шумораи аҳолии дар иқтисодиёт ғайрифаъол низ босуръат ва ба маротиб афзоиш ёфтааст. Аммо шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол бошад, ниҳоят кам афзоиш ёфт. Агар солҳои 2010-2020-ро таҳлил намоем, пас маълум мегардад, ки дар ин муддат аҳолии дар иқтисодиёт фаъол танҳо 196 ҳазор нафар зиёд гардидааст, гарчанде мутобиқи маълумоти хадамоти шуғл дар ҷумҳурӣ ҳар сол на кам аз 150-200 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешаванд. Агар чунин рақамҳо воқеона бошанд, пас дар давоми солҳои 2010-

2020 шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол бояд аз 1,5 то 2 млн. нафар афзоиш меёфт, на ин ки танҳо 196 ҳазор нафар.

Ҳамзамон, агар афзоиши шумораи аҳолии дар иқтисодиёт ғайрифаъолро дар давоми солҳои 2010-2020 таҳлил намоем, маълум мегардад, ки миқдори он ба 988 хазор нафар зиёд гардидааст ва ин шаҳодати он аст, ки дар дохили ҷумҳурӣ афзоиши қувваҳои истеҳсолкунанда аз афзоиши захираҳои меҳнатӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолии кишвар ба маротиб қафо мемонад. Дар ин самт мақомотҳои дахлдори давлатӣ бояд усулҳои муосири ҳамкориҳои байниидоравиро ба роҳ монда, ҷиҳати ҳарчи бештар фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат ба шуғли пурмаҳсул ва паст кардани сатҳи бекорӣ дар мамлакат фаъолиятро пурзур намоянд.

Дар ҳуҷҷати Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 нисбати таъсис додани ҷойҳои корӣ таваҷҷӯҳи хосса зоҳир карда шудааст ва ин масъала яке аз самтҳои афзалиятноки ҷомеа ба ҳисоб меравад. Зеро, дар ҳақиқат тайи даҳсолаҳои охир масъалаи таъсиси ҷойҳои нави корӣ бо маоши арзанда барои кордиҳандагони кишварамон ва дар маҷмӯъ барои ҳамаи вазорату идораҳо ва ташкилоту корхонаҳо бевосита аз шакли моликияташон вазифаи аввалиндараҷаю ҳалталаб мебошад.

Ин масъалаи душвор сол аз сол ба таври лозима ҳалли худро наёфта истодааст ва барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ, усулҳои муосирро бо роҳи ҳавасмандгардонӣ ва устувории фаъолияти корхонаҳою идораҳо ба кор бурдан зарур аст. Ҷойҳои нави кории таъсис додашуда барои шаҳрвандони кишварамон ҷалбкунанда нестанду аз ҷиҳати миқдори музди меҳнат ва шароити корӣ аҳолиро қаноатманд карда наметавонанд. Инчунин, фарқияти калони баамаломада байни аҳолии дар иқтисодиёт фаъол ва ғайрифаъол аз он шаҳодат медиҳад, ки кордиҳандагони кишвар маълумотҳои нодурустро ба мақомоти шуғл пешниҳод менамоянд ва рақамҳои ба расмият овардашуда аз воқеият дур ҳастанд. Ин гуна ҳолати ғайриқаноатбахши бозори меҳнат шаҳрвандонро аз сиёсати давлатии шуғл дилхунук менамояд ва онҳо нисбати мақомотҳои дахлдори давлатӣ ва кордиҳандагони кишвар норозигӣ баён мекунанд.

Зеро, вазъи бозори меҳнати дохили мамлакат дар ҳақиқат мушкилиҳои зиёд дорад ва онҳо сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳуриро халалдор менамоянд. Бинобар ин, доир ба масъалаи таъсис додани ҷойҳои кории нав, миёнаравӣ дар бозори меҳнат, рушди касбии захираҳои меҳнатӣ, дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта, мусоидат ба шуғли занон ва ҷавонон, рушди соҳибкории инфиродӣ ва ҳалли дигар мушкилиҳо дар самти бозори меҳнат ва ба шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнати кишварамон, ки онҳо дар маҷмӯъ амният ва таҳкими суботи ҷумҳуриро таъмин менамоянд, бояд диққати ҷиддӣ дода шавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи душвори бозори меҳнат ва шуғли аҳолиро ба инобат гирифта, соли 2022 Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 қабул намуд ва ин гуна тадбирҳои Ҳукумати мамлакат қобили дастгирист. Иҷрои вазифаҳои гузошташуда ба татбиқи нақшаҳои давлатӣ марбут ба таъмин намудани шумораи зарурии захираҳои меҳнатии Тоҷикистон бо шуғли пурмаҳсул дар дохил ва хориҷи кишвар мусоидат менамояд.

Истифодабарии қувваи кории барзиёд дар ҳудуди кишвари аҷдодии шаҳрвандон ва ҳамзамон дар дигар мамлакатҳо, аз ҷониби бисёр давлатҳои хориҷи дуру наздик мавриди амал қарор дода мешавад ва ин таҷрибаи байналхалқӣ аст. Ин гуна мубодилаи қувваи корӣ бар манфиати ҳамаи тарафҳо мебошад ва аз ин хотир, Тоҷикистон бояд иқтидори захираҳои меҳнатиро мисли дигар кишварҳои тараққикардаи дунё, дар раванди рушди мамлакат ва беҳтар намудани некӯаҳволии шаҳрвандон самаранок истифода барад.

Барои татбиқи сиёсати давлатии Тоҷикистон оид ба рушди шуғли пурмаҳсул, масъалаи касбомӯзии шаҳрвандони кишварамон низ яке аз муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Дар самти касбомӯзӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки чорабиниҳои иловагии муосирро андешад ва барои баланд бардоштани сатҳи тахассуси шаҳрвандон, ҳарчи бештар муҳоҷирони меҳнатӣ ва аҳолии бекорро фаро гирад. Зеро, таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки аз шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии кишварамон, ки ба хориҷа равона мегарданд, 32,2% маълумоти олии пурра, 29,8% маълумоти умумии миёна, 14,6% маълумоти миёнаи махсус,

12,7% маълумоти миёнаи нопурра ва ибтидоӣ доранд [13, 240-241] . Аз ин бармеояд, ки мутахассисони касбии коргарӣ, ки аз ҳама бештар дар бозори меҳнати давлатҳои хориҷӣ ва дохилӣ талабот доранд, танҳо 14,6%-ро ташкил медиҳад ва бо дарназардошти чунин нишондиҳандаи ғайриқаноатбахш, захираҳои меҳнатии дохили кишвар ва муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар хориҷа ҷойҳои кории сермуздро аз даст медиҳанд.

Мисолҳои дар боло овардашуда тасдиқи ҳолро дар кишварамон нишон медиҳанд ва ҷиҳати танзими давлатии равандҳои муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, ҷалб намудани аҳолии қобили меҳнат дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва таъмини шаҳрвандон бо шуғли пурмаҳсул, фаъолият дар ин самтҳои афзалиятноки ҷомеа бояд куллан такмил дода шавад. Бо ин мақсад, дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналхалқӣ таклифу хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Бо мақсади иҷрои самтҳо ва ҳадафҳои асосии рушди муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар чаҳорчӯбаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, таҳти раисии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани Комиссияи давлатӣ оид ба назорати татбиқи Стратегияи мазкур бо шомил намудани роҳбарони аввали вазорату идораҳои ҷумҳуриявӣ ба ҳайати он.

2. Ҳар семоҳа дар ҷаласаҳои Комиссияи номбурда шунидани маърӯзаҳои роҳбарони аввали вазорату идораҳо ва раисони вилояту шаҳру ноҳияҳо оид ба ҷараёни иҷрои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030.

3. Барои таъмин намудани шаффофият ва ҳисоботдиҳии мақомотҳои давлатӣ ба аҳолии кишвар, ҳар моҳ ташкил кардани барномаҳои телевизионӣ бо иштироки роҳбарони аввали вазорату идораҳо ва раисони вилояту шаҳру ноҳияҳо бо дарназардошти гузаронидани мониторинги ҷамъиятӣ.

4. Ташкил кардани барномаҳо дар ВАО бо иштироки олимону коршиносон ҷиҳати арзёбӣ кардани натиҷаҳо оид ба татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030.

***Адабиёт:***


*1.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392 тасдиқ карда шудааст. – С. 9.*

*2.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392 тасдиқ карда шудааст.- С. 12.*

*3.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392 тасдиқ карда шудааст. – С. 32.*

*4.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.10.2016, №392 "Дар бораи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030". – С. 84-85.*

*5.Бабаев А.А. Проблемы управления миграционными процессами и факторы, способствующие региональной интеграции. //журнал «Экономика Таджикистана». Душанбе. 2017, №1. – С. 137.*

*6.Маълумоти Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2013-2021*

*7.Бабаев.А.А., Сафарова Н.С., Норкулов Х.Х. Мировая миграционная глобализация и ее эффективное использование в странах назначения и происхождения. //журнал "Экономика Таджикистана". Душанбе. 2018, №4. – С. 145.*

*8.Бобоев А.А., Мирзоева М.У. Нақши муҳоҷират дар рушди иқтисодиёт ва татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба таъминот бо шуғли пурмаҳсул. // маҷаллаи "Иқтисодиёти Тоҷикистон", №3. 2021. – С. 185..*

*9.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392 тасдиқ карда шудааст. – С. 12.*

*10.https://www.google.com/search?q aqs=chrome..69i57j33i160j33i22i29i30.28726j0j7&sourceid=chrome&ie=UTF-8*

*11.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392 тасдиқ карда шудааст. – С. 82.*

*12.Таджикистан: 20 лет государственной независимости. Агентство по статистике при Президенте РТ. Душанбе. 2011. – С. 148-149. /Статистический ежегодник РТ. Агентство по статистике при Президенте РТ. Душанбе. 2022. – С. 80. /Рынок труда в РТ: 30-лет государственной независимости. Агентство по статистике при Президенте РТ. 2021. –С.244-247.*

*13.Аминджанов Р.М., Бабаджанов Р.М., Мукимова Н.Р. //Миграция и возможности инновационного развития Республики Таджикистан. Аналитический центр «Наво». Душанбе. 2017. - С. 240-241.*

**Бабаев А.А.,**
**Мирсаидов Ф.А.**

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ И ЦЕЛИ РАЗВИТИЯ МИГРАЦИИ И ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ В РАМКАХ НАЦИОНАЛЬНОЙ СТРАТЕГИИ РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА ПЕРИОД ДО 2030 ГОДА

**Институт экономики и демографии**
**Национальной Академии наук Таджикистана**
**Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана**

*В данной статье изучены вопросы касательно основных направлений и целей развития миграции и занятости населения в рамках Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. Также, рассмотрены вопросы государственной политики по снижению напряжения внешней трудовой миграции, созданию новых рабочих мест с достойной заработной платой в секторах экономики страны, сравнительные показатели рабочей силы и другие влияющие факторы для обеспечения развития страны.*

***Ключевые слова:*** *миграция и занятость населения, направления и цели, национальная стратегия развития, трудовая миграция, рынок труда, новые рабочие места.*

**Babaev A.A.,**
**Mirsaidov F.A.**

## MAIN DIRECTIONS AND GOALS OF MIGRATION AND EMPLOYMENT DEVELOPMENT WITHIN THE FRAMEWORK OF THE NATIONAL DEVELOPMENT STRATEGY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN FOR THE PERIOD UNTIL 2030

**Institute of Economics and Demography**
**of the National Academy of Sciences of Tajikistan**

*The author in this article examines questions regarding the main directions and goals for the development of migration and employment of the population within the framework of the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030. Also, other influencing factors that ensure the development of the country are highlighted, which are the state policy to reduce the intensity of external labor migration, the creation of new jobs with decent wages in the sectors of the country's economy, comparative labor force indicators, etc.*

***Keywords:*** *migration and employment of the population, directions and goals, national development strategy, labor migration, labor market, new jobs.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Бабаев Анвар Абдуллоевич*** *– н.и.и., ходими пешбари илмии шӯъбаи таҳқиқотҳои демографии ИИваД АМИТ,*

***Мирсаидов Фаридун Авророрвич*** *– н.и.с., дотсенти кафедраи идоракунии Донишгоҳи байналхалқии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.*

УДК 331.5:69 (575.3) Кармышева М. Н.

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

*Дар мақола хусусиятҳои ташаккули захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пеш аз ҳама бо вазъи демографии кишвар робитаи зич дорад, баррасӣ шудааст. Таҳлили таносуби аҳолии шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ, бо мақсади муайян кардани таъсири афзоиши табиии ахолӣ ва миқдори захираҳои меҳнатӣ коэффитсиенти ҳиссиёт ҳисоб карда шудааст.*

***Калидвожаҳо**: захираҳои меҳнатӣ, вазъи демографӣ, коэффитсиенти ҳиссиёт, таркиби аҳолӣ, афзоиши табиии аҳолӣ, шумораи захираҳои меҳнатӣ.*

Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун қисми таркибии захираҳои инсонӣ яке аз омилҳои асосии таъминоти рушди иқтисодӣ ва пешрафти ҷамъият ба ҳисоб меравад. Ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ шарти калидии афзоиши некӯаҳволии аҳолӣ буда, беҳтаргардонии сифати омили меҳнат, такомули омодакунӣ ва азнавтайёркунии захираҳои меҳнатӣ, инкишофи малакаи касбии иқтидори меҳнатӣ, инчунин мутобиқсозии соҳаҳои маориф ва тандурустиро дар назар дорад [1]. Инкшофи захираҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама тағйироти сифати иқтидори меҳнатиро мутобиқи эҳтиёҷотҳои иқтисодиёти миллӣ дар назар дорад, ки барои баланд намудани рақобатпазирии захираҳои меҳнатӣ ва самаранокии истифодабарии онро дар иқтисодиёт имкон медиҳад. Ба ақидаи мутахассисон ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ҷараёни мақсаднокро ифода мекунад, ки дар он сифат ва қобилиятҳои меҳнатии одамон барои дастрасии мақсадҳои стратегии иқтисодиёти миллӣ, соҳаҳои мухталиф, минтақаҳо ва корхонаҳо амалӣ карда мешаванд[1]. Дар ин ҷода мутобиқати захираҳои меҳнатӣ бо технологияҳои истеҳсолӣ, баланд намудани тахассуснокии захираҳои меҳнатӣ, идоракунии кадрӣ, инкишофи иҷтимоӣ ва шахсӣ, идоракунии ҳавасмандгардонии ҳайати кормандон, инкишофи фаъолнокии меҳнатӣ ва ғайраҳо чораҳои зарурӣ ба ҳисоб мераванд [7]. Ҷараёнҳои демографӣ ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ба воситаи афзоиши аҳолӣ ва тағйироти синну солӣ ва ҷинсии он таъсир мерасонад. Дар баробари ин, сохтори синну солии аҳолӣ ба сарбории иқтисодии аҳолии қобилияти меҳнатидоштаи аҳолӣ, ҳаракатнокии аҳолӣ, сатҳи ҳосилнокии меҳнат, сохтори тахассуснокӣ ва омодагии касбии захираҳои меҳнатӣ таъсир мерасонад. Дар ин ҷода, нақши асосиро ҷараёнҳои миграционӣ низ иҷро мекунанд. Омилҳои демографӣ унсури сифатии захираҳои меҳнатиро низ фарогир буда, яъне ҳолати омодагии ҷисмонӣ, фикрӣ, вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ ва гурӯҳҳои синну солии он ба ҳисоб мераванд[4]. Заминаи асосии консептуалии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ, бевосита баҳодиҳии иҷтимоӣ-иқтисодии захираҳои меҳнатӣ бо назардошти тағйиротҳои сифатӣ ва миқдорӣ баромад мекунад. Барои баҳодиҳии вазъи ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ, пеш аз ҳама вазъи демографӣ низ таъсири назаррас дорад. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки бо баробари афзоиши шумораввии аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ низ рӯ ба афзоиш ниҳода, байни онҳо алоқамандии коррелятсионии зич ба назар мерасад. Новобаста ба ин, самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ аз омилҳое низ, вобастагӣ доранд, ки дар боло қайд карда шудаанд. Боиси таъкид аст, ки таснифоти омилҳои ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ таъсиррасонанда хислати шартӣ дошта, ҳамаи он бо вазъияти демографии кишвар вобастагӣ доранд. Аз таҳлилҳо маълум мегардад, ки шарти асосии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ бевосита ба инобат гирифтани хусусиятҳои демографии ташаккулёбии онҳо баромад мекунад. Дар ин ҷода нақши тағйирёбии муқаррарии аҳолӣ ва таркиби ҷинсию синну солии он аҳамияти калон дорад. Дар ҷадвали 1 тағйирёбии вазъи демографӣ ва дар ин васила тағйирёбии

захираҳои меҳнатӣ, шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул ва инчунин, қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Тағйирёбии вазъи демографӣ, шумораи машғулин дар иқтисодиёт, захираҳои меҳнатӣ, аҳолии бо кор машғулбуда ва қувваи кории истифоданашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[4]**

| Солҳо | Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол (ҳазор нафар) | Суръати афзоиши аҳолӣ нисбат ба соли гузашта | Суръати афзоиши аҳолӣ нисбат ба соли 1991 | Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт (ҳазор нафар) | Тағйирёбии шумораи солонаи машғулин дар иқтисодиёт нисбат | Захираҳои меҳнатӣ (ҳазор нафар) | Суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ нисбат ба соли 1991 | Захираҳои меҳнатӣ нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ | Аҳолии бо кор машғулбуда нисбат ба захираҳои |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1991 | 5505,6 | 100,0% | 100,0% | 1971 | 100,0% | 2526 | 100,0% | 45,9% | 78,0% |
| 1992 | 5567,2 | 101,1% | 101,1% | 1909 | 96,9% | 2669 | 105,7% | 47,9% | 71,5% |
| 1993 | 5579,7 | 100,2% | 101,3% | 1855 | 94,1% | 2688 | 106,4% | 48,2% | 69,0% |
| 1994 | 5633,8 | 101,0% | 102,3% | 1855 | 94,1% | 2752 | 108,9% | 48,8% | 67,4% |
| 1995 | 5701,4 | 101,2% | 103,6% | 1853 | 94,0% | 2811 | 111,3% | 49,3% | 65,9% |
| 1996 | 5769,1 | 101,2% | 104,8% | 1731 | 87,8% | 2840 | 112,4% | 49,2% | 61,0% |
| 1997 | 5875,8 | 101,8% | 106,7% | 1791 | 90,9% | 2909 | 115,2% | 49,5% | 61,6% |
| 1998 | 6001,3 | 102,1% | 109,0% | 1796 | 91,1% | 3038 | 120,3% | 50,6% | 59,1% |
| 1999 | 6217,5 | 103,6% | 112,9% | 1737 | 88,1% | 3125 | 123,7% | 50,3% | 55,6% |
| 2000 | 6264,6 | 100,8% | 113,8% | 1745 | 88,5% | 3186 | 126,1% | 50,9% | 54,8% |
| 2001 | 6371,2 | 101,7% | 115,7% | 1829 | 92,8% | 3301 | 130,7% | 51,8% | 55,4% |
| 2002 | 6487,1 | 101,8% | 117,8% | 1857 | 94,2% | 3463 | 137,1% | 53,4% | 53,6% |
| 2003 | 6598,8 | 101,7% | 119,9% | 1885 | 95,6% | 3644 | 144,3% | 55,2% | 51,7% |
| 2004 | 6718,9 | 101,8% | 122,0% | 2090 | 106,0% | 3777 | 149,5% | 56,2% | 55,3% |
| 2005 | 6842,2 | 101,8% | 124,3% | 2112 | 107,2% | 3893 | 154,1% | 56,9% | 54,3% |
| 2006 | 6965,5 | 101,8% | 126,5% | 2137 | 108,4% | 4047 | 160,2% | 58,1% | 52,8% |
| 2007 | 7096,9 | 101,9% | 128,9% | 2150 | 109,1% | 4172 | 165,2% | 58,8% | 51,5% |
| 2008 | 7250,8 | 102,2% | 131,7% | 2168 | 110,0% | 4310 | 170,6% | 59,4% | 50,3% |
| 2009 | 7417,4 | 102,3% | 134,7% | 2219 | 112,6% | 4435 | 175,6% | 59,8% | 50,0% |
| 2010 | 7621,2 | 102,7% | 138,4% | 2233 | 113,3% | 4530 | 179,3% | 59,4% | 49,3% |
| 2011 | 7807,2 | 102,4% | 141,8% | 2249 | 114,1% | 4664 | 184,6% | 59,7% | 48,2% |
| 2012 | 7987,4 | 102,3% | 145,1% | 2291 | 116,2% | 4796 | 189,9% | 60,0% | 47,8% |
| 2013 | 8161,1 | 102,2% | 148,2% | 2307 | 117,0% | 4859 | 192,4% | 59,5% | 47,5% |
| 2014 | 8352 | 102,3% | 151,7% | 2325 | 118,0% | 4983 | 197,3% | 59,7% | 46,7% |
| 2015 | 8551,2 | 102,4% | 155,3% | 2381 | 120,8% | 5111 | 202,3% | 59,8% | 46,6% |
| 2016 | 8742,8 | 102,2% | 158,8% | 2385 | 121,0% | 5224 | 206,8% | 59,8% | 45,6% |
| 2017 | 8931,2 | 102,2% | 162,2% | 2407 | 122,1% | 5326 | 210,8% | 59,6% | 45,2% |
| 2018 | 9126,6 | 102,2% | 165,8% | 2426 | 123,1% | 5427 | 214,8% | 59,5% | 44,7% |
| 2019 | 9313,8 | 102,1% | 169,2% | 2463 | 125,0% | 5521 | 218,6% | 59,3% | 44,6% |
| 2020 | 9506,3 | 102,1% | 172,7% | 2506 | 127,1% | 5585 | 221,1% | 58,8% | 44,6% |
| 2021 | 9886,8 | 101,8% | 179,6% | 2534 | 128,6% | 5653 | 223,8 | 57,2% | 44,8% |

Бинобар ин, хусусияти ҷараёни демографӣ дар ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ бо унсурҳои таърихӣ, тараққиёти иҷтимой-иқтисодӣ, урфу одатҳои миллӣ ва ҷуғрофӣ муайян карда мешаванд. Чунин вазъият дар ҳолате ба миён омад, ки ҳиссаи захираҳои меҳнатӣ дар шумораи умумии аҳолӣ аз 45,9% дар соли 1991 ба 57,2% дар соли 2021

баробар шуд. Ҷоиз ба таъкид аст, ки новобаста ба афзоиши захираҳои меҳнатӣ, шумораи аҳолии бо кор машғулбуда, дар давраи таҳлилӣ тамоюли зиёдшавӣ дошта, ҳиссаи он нисбат ба зихараҳои меҳнатӣ рӯ ба коҳишёбӣ ниҳодааст [4,6]. Хислати муҳими ин нишондиҳанда бо ифодаёби мутлақ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он бармеояд, ки суръати афзоиши он нисбат ба нишондиҳандаи қувваи кории дар иқтисодиёт истифода нашуда, зиёд мебошад [5]. Афзоиши миқдории захираҳои меҳнатӣ, ки аз ҷадвали 1 мушоҳида карда мешавад, маънои ба таври автоматӣ бо кор таъмин шудани захираҳои меҳнатиро надорад. Масалан, афзоиши аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1991 аҳолии бо кор машғулбуда нисбат ба захираҳои меҳнатӣ 75% (1,97 млн. нафар) ташкил диҳад, ин нишондиҳанда дар соли 2021 то 44,8% (2,5 млн. нафар) коҳиш ёфтааст. Чунин вазъият пеш аз ҳама бо афзоиши аҳолӣ дар солҳои охир тавсиф карда мешавад. Суръати афзоиши аҳолӣ бевосита ба таркиби он, алалхусус ба таносуби аҳолии бо кор машғулбуда ва аҳолии бекор таъсири бевосита мерасонад. Таҳлили омилҳои демографии ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар солҳои охир, махсусан, аз оғози соли 2008, афзоиши аҳолӣ ҳамасола зиёда аз 2 фоизро ташкил додааст.

Чунин вазъият аз мавҷудияти захираҳои зиёд дар ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ шаҳодат медиҳад. Аммо воқеияти аслӣ вазъияти дигарро нишон медиҳад, ки дар сохтори аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ шумораи аҳолии бо кор таъминбуда рӯ ба камшавӣ ниҳодааст. Чунин ҳолат бештар бо таркиби сунну солии аҳолӣ вобастагӣ дорад.

Ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз вазъи демографӣ имкон медиҳад, ки як қатор хусусиятҳоро муқаррар намоем, ба монанди:

- дараҷаи баланди афзоиши аҳолӣ, солҳои охир дар кишвар;
- иқтидори васеи демографӣ, ки ба шарофати сохтори ҷавон будани аҳолӣ сатҳи баланди таваллудро таъмин менамояд:
- ҷойгиршавии бештари аҳолӣ дар минтақаҳои деҳоти ҷумҳурӣ, ки дар деҳот аҳамияти таваллуди миқдори зиёди кӯдакон ҳамчун анъана тавсиф карда мешавад;
- муҳоҷирати меҳнатии аҳолии қобили меҳнат дошта берун аз кишвар.

Боиси қайд аст, ки афзоиши шумораи аҳолӣ дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф аз вазъияти ба миёномадаи демографӣ, яъне таркиби синну солии аҳолӣ, миқдори никоҳ, давомнокии он вобастагӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, чунин афзоиш аз шароити иҷтимоӣ-иқтисодии зиндагонии аҳолӣ, таркиби миллии аҳолӣ, сатҳи маълумотнокӣ, сатҳ ва хислати шуғли аҳолӣ вобастагӣ доранд[8].

Маълум аст, ки таносуби тақрибан баробари шумораи занҳо ва мардҳо ба такрористеҳсоли аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад. Бинобар ҳамин, яке аз хислатҳои фарққунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бешубҳа сатҳи баланди таваллуд ба ҳисоб меравад.

Хусусиятҳои демографии ташаккулёбии захираҳои меҳнатиро мушоҳида карда, танҳо бо тамоюли тағйирёбии муқаррарии он маҳдуд шудан нодуруст аст. Зеро дигар омили ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ин афзоиши механикӣ (муҳоҷирати аҳолӣ) ба ҳисоб меравад. Бинобар ҳамин таҳлили ин ду омил ҳангоми муқаррар намудани ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ аҳамияти хоса дорад[3].

Муҳоҷирати беруна бошад, таъсири худро ба шумораи аҳолӣ ва ҳам ба миқдори захираҳои меҳнатӣ таъсир мерасонад. Тағйирёбии шумораи муҳоҷирати дохилӣ ва байнидавлатӣ (беруна) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 1 ва 2 оварда шудааст.




**Расми 1. Муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор нафар)**

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ, Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021, саҳ. 52-55

Аз рӯи тағйирёбии муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ муайян мегардад, ки дар Тоҷикистон шиддатнокии муҳоҷират дар дохили кишвар дар сатҳи паст ва миёна қарор дорад.

Низоми муҳоҷирати меҳнатиро ба ду ҷараён ҷудо намудан мумкин аст: дохилиҷумҳуриявӣ ва беруна. Ба ин ҷараён, пеш аз ҳама омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъсир мерасонанд, ки бо сатҳи фаъолнокии молиягузорӣ дар минтақаҳо, суръати таваррум, пояи қонунгузорӣ дар соҳаи меҳнат, сиёсати иқтисодии пулию қарзӣ ва андозӣ тавсиф карда мешаванд. Муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ ба шумораи умумии аҳолии мамлакат таъсир нарасонида, бештар ба тағйирёбии таносуби захираҳои меҳнатӣ дар ноҳияҳо, шаҳрҳо ва минтақаҳои кишвар таъсир мерасонанд. Аз рӯи тағйирёбии муҳоҷирати дохили ҷумҳуриявӣ муайян мегардад, ки дар Тоҷикистон шиддатнокии муҳоҷират дар дохили кишвар дар сатҳи паст ва миёна қарор дорад.




**Расми 2. Муҳоҷирати байнидавлатӣ (ҳазор нафар)**

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ, Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021, саҳ. 52-55

Вобаста ба муҳоҷирати байнидавлатӣ (беруна) гуфтан мумкин аст, ки маълумоти дар расми 2 оварда шуда, воқеъияти аслии муҳоҷирати меҳнатиро дар Тоҷикистон ба пуррагӣ фарогир набуда, ин маълумот танҳо муҳоҷирони расман бақайдгирифтаро ифода мекунад. Шаҳодати ин гуфтаҳо шумораи аҳолии қобили меҳнат доштаи бо ҷои корӣ фаро гирифтанашуда, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст, баромад карда метавонад. Аз рӯи маълумоти ҷадвали 1 мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар солҳои охир қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт нисбат ба захираҳои меҳнатӣ 54% ва зиёда аз онро ташкил медиҳад. Бо ибораи дигар сатҳи баланди қувваи кории истифода нашуда дар иқтисодиёт нисбат ба захираҳои меҳнатӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки қисми зиёди онҳо барои дарёфти ҷои корӣ ва дастрасии даромади пулии мувофиқ ба дигар кишварҳои ИДМ ба муҳоҷират мераванд. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ таъсири муҳоҷирати аҳолиро ба шумораи умумии аҳолӣ ва ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ одатан аз рӯи бақияи миграционӣ, шиддатнокии муҳоҷират ва тақсимоти муҳоҷирон аз шаҳр ва деҳот муайян мекунанд.

**Ҷадвали 2. Бақияи миграционии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор нафар)**

| Солҳо | Аҳолии ҷумҳурӣ | | | Аҳолии шаҳр | | | Аҳолии деҳот | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи кӯчидаомадагон | Шумораи кӯчидарафтагон | Бақияи миграционӣ | Шумораи кӯчидаомадагон | Шумораи кӯчидарафтагон | Бақияи миграционӣ | Шумораи кӯчидаомадагон | Шумораи кӯчидарафтагон | Бақияи миграционӣ |
| 1991 | 74,9 | 101,3 | -26,4 | 47,9 | 63,7 | -15,8 | 27 | 37,6 | -10,6 |
| 1992 | 51,3 | 146 | -94,7 | 31,4 | 111,2 | -79,8 | 19,8 | 34,8 | -15 |
| 1993 | 71,4 | 146,1 | -74,7 | 48 | 97,6 | -49,6 | 23,4 | 48,5 | -25,1 |
| 1994 | 43,3 | 88,8 | -45,5 | 28,7 | 63 | -34,3 | 14,6 | 25,8 | -11,2 |
| 1995 | 37,1 | 74,9 | -37,8 | 27,1 | 50,6 | -23,5 | 10 | 24,3 | -14,3 |
| 1996 | 26,1 | 53,7 | -27,6 | 18,8 | 38,5 | -19,7 | 7,3 | 15,2 | -7,9 |
| 1997 | 20,2 | 37 | -16,8 | 14,9 | 25,1 | -10,2 | 5,3 | 11,9 | -6,6 |
| 1998 | 16,9 | 32,3 | -15,4 | 11,5 | 20,1 | -8,6 | 5,4 | 12,2 | -6,8 |
| 1999 | 14,7 | 28,8 | -14,1 | 11 | 15,8 | -4,8 | 3,7 | 13 | -9,3 |
| 2000 | 14,5 | 28,2 | -13,7 | 10,7 | 15,5 | -4,8 | 3,8 | 12,7 | -8,9 |
| 2001 | 16,7 | 29,1 | -12,4 | 11,4 | 16 | -4,6 | 5,3 | 13,2 | -7,9 |
| 2002 | 17,7 | 30,2 | -12,5 | 12,4 | 15,5 | -3,1 | 5,4 | 14,7 | -9,3 |
| 2003 | 16,9 | 27,9 | -11 | 11,8 | 14,1 | -2,3 | 5,2 | 13,9 | -8,7 |
| 2004 | 15,2 | 24,7 | -9,5 | 10,4 | 11,7 | -1,3 | 4,8 | 13 | -8,2 |
| 2005 | 18 | 27,3 | -9,3 | 12,1 | 12 | 0,1 | 5,9 | 15,3 | -9,4 |
| 2006 | 19,6 | 30,6 | -11 | 11,7 | 13,9 | -2,2 | 7,9 | 16,6 | -8,7 |
| 2007 | 24,3 | 38,8 | -14,5 | 13,8 | 16,7 | -2,9 | 10,5 | 22,1 | -11,6 |
| 2008 | 24,4 | 37,7 | -13,3 | 12,6 | 16,2 | -3,6 | 11,9 | 21,4 | -9,5 |
| 2009 | 25,6 | 37,2 | -11,6 | 12,2 | 15,9 | -3,7 | 13,4 | 21,3 | -7,9 |
| 2010 | 29,6 | 36,1 | -6,5 | 12,9 | 15 | -2,1 | 16,8 | 21,1 | -4,3 |
| 2011 | 32,9 | 37,2 | -4,3 | 13,4 | 14,3 | -0,9 | 19,5 | 22,9 | -3,4 |
| 2012 | 33,8 | 38,9 | -5,1 | 14,2 | 15,5 | -1,3 | 19,6 | 23,5 | -3,9 |
| 2013 | 36,3 | 40,3 | -4 | 16,7 | 15,5 | 1,2 | 19,6 | 24,8 | -5,2 |
| 2014 | 39,6 | 45,3 | -5,7 | 16,6 | 17 | -0,4 | 23,1 | 28,3 | -5,2 |
| 2015 | 35,3 | 40,1 | -4,8 | 14,8 | 13,2 | 1,6 | 20,5 | 27 | -6,5 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2016 | 33,3 | 37,6 | -4,3 | 14,4 | 15,3 | -0,9 | 19 | 22,3 | -3,3 |
| 2017 | 37,5 | 41,2 | -3,7 | 15,3 | 14,8 | 0,5 | 22,2 | 26,3 | -4,1 |
| 2018 | 42,1 | 45,1 | -3 | 16,9 | 18,3 | -1,4 | 25,2 | 26,7 | -1,5 |
| 2019 | 40,9 | 54,5 | -13,6 | 16,9 | 22 | -5,1 | 24 | 32,5 | -8,5 |
| 2020 | 34,7 | 42,6 | -7,9 | 15,6 | 14,4 | 1,2 | 19,1 | 28,2 | -9,1 |
| 2021 | 33,5 | 40,8 | -7,3 | 15,7 | 15,5 | 0,2 | 17,8 | 25,3 | -7,4 |
| **Ҷамъ** | **978,3** | **1520,3** | **-542** | **541,8** | **823,9** | **-282,1** | **437** | **696,4** | **-259,3** |

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С. 52-55

Аз маълумоти ҷадвали 2 мушоҳида карда мешавад, ки шумораи аҳолии кӯчидаомадагон дар сатҳи ҷумҳурӣ аз соли 1991 то соли 2021 тамоюли ягонаро нишон намедиҳад. Дар ин марҳила шумораи кӯчидаомадагон камшавӣ, афзоиш ва боз камшавиро нишон медиҳад. Нибат ба ин нишондиҳанда шумораи аҳолии кӯчидарафтагон дар аввал зиёдшавӣ, сипас камшавӣ, зиёдшавӣ ва камшавиро нишон медиҳад. Дар умум, давраи солҳои 1991-2021 шумораи умумии аҳолии кӯчидаомадагон ба ҷумҳурӣ 978,3 ҳазор нафарро ташкил дода, шумораи умумии аҳолии кӯчидарафтагон 1520,3 ҳазор нафарро ташкил додааст. Чунин вазъият ба бақияи миграцсионӣ таъсири бевоситаи худро расонид, ки дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 542 ҳазор нафар баробар шуд. Яъне дар ин давра, бақияи миграцсионӣ бо нишондоди манфӣ тавсиф карда мешавад.

Ба ақидаи олимон-иқтисоддонҳои кишвар Аҳмадов Ф.М. Ашуров Ф.М. ва Хушвахтзода Қ.Х. "ҳиссаи муҳоҷироне, ки бо мақсади ба даст овардани даромади пулӣ ба муҳоҷират мераванд 93,9% шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатиро ташкил медиҳанд" [2]. Ҳамаи ин бевосита ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири худро мерсонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи кӯчидаомадагон дар шаҳрҳо дар давраи солҳои 1991-2021 ба 541,8 ҳазор нафар баробар шуда, шумораи кӯчидарафтагон ба 823,9 ҳазор нафар расидааст, ки дар натиҷа бақияи миграцсионӣ дар байни аҳолии шаҳрҳои ҷумҳурӣ ба 282,1 ҳазор нафар баробар шудааст. Чунин вазъият дар байни аҳолии деҳот низ ба назар мерасад. Дар давраи таҳлилӣ шумораи кӯчидаомадагон дар деҳот ба 437 ҳазор нафар баробар шуда, шумораи кӯчидарафтагон ба 696,4 ҳазор нафар расидааст, ки дар натиҷа бақияи миграцсионӣ дар байни аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ ба 259,3 ҳазор нафар баробар шудааст. Аз рӯи маълумоти таҳлилшаванда маълум мегардад, ки шумораи аҳолии кӯчидарафтагон дар шаҳрҳо зиёд буда 54,6% аҳолии умуми кӯчидарафтагонро ташкил мекунад. Бо баробари ин вазни қиёсии аҳоли шаҳрҳо дар шумораи аҳолии кӯчидаомада дар давраи таҳлилӣ 55,7%-ро ташкил мекунад. Аз ин рақамҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ҳаракати аҳолӣ дар шаҳрҳо нисбат ба аҳолии деҳот таъсири калонтар мерасонад. Мувофиқи ин нишондиҳандаҳо, бақияи миграцсионӣ дар шаҳрҳо ва деҳоти кишвар низ, баромад карда метавонад, ки мутобиқи он бақияи миграцсионӣ дар шаҳрҳо нисбат ба деҳот зиёдтар мебошад.

Барои пурра намудани таҳлил дар мақолаи худ оид ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз таъсири омилҳои гуногун, алалхусус, омили демографӣ, ки нақши марказиро дар ин самт иҷро мекунад, нақши муҳим дорад, ҳамчунин таҳлили таносуби аҳолии шаҳр ва деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур арзёбӣ карда шудааст. Инчунин, дар ин радиф шумораи аҳолии аз қобили меҳнат хурд, аҳолии қобили меҳнат, аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар ва ҷавонони синни 14-30 низ аҳамияти хоса дорад. Бояд дар назар дошт, ки аз соли 1991 то инҷониб тавсифи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузорӣ тағйиротҳои муайянро аз сар гузаронидааст. Масалан, солҳои 1991-1994 синну соли қобили меҳнат, ҷавонтар аз 15 сола, синну соли қобили меҳнат мардон 16-59 сола, занон 16-54 сола, синну соли аз қобили меҳнат калон мардон 60 сола

ва калонтар, занон 55 сола ва калонтар. Солҳои 1995-2001 синну соли қобили меҳнат, ҷавонтар аз 14 сола, синну соли қобили меҳнат мардон 15-59 сола, занон 15-54 сола, синну соли аз қобили меҳнат калон мардони 60 сола ва калонтар, занони 55 сола ва калонтар. Соли 2002 синну соли қобили меҳнат, ҷавонтар аз 14 сола, синну соли қобили меҳнат мардон 15-60 сола, занон 15-55 сола, синну соли аз қобили меҳнат калон, мардон 61 сола ва калонтар, занон 56 сола ва калонтар. Соли 2003 синну соли қобили меҳнат, ҷавонтар аз 14 сола, синну соли қобили меҳнат мардон 15-61 сола, занон 15-56 сола, синну соли аз қобили меҳнат калон мардон 62 сола ва калонтар, занон 57 сола ва калонтар. Солҳои минбаъда синну соли қобили меҳнат, ҷавонтар аз 14 сола, синну соли қобили меҳнат мардон 15-62 сола, занон 15-57 сола, синну соли аз қобили меҳнат калон мардон 63 сола ва калонтар, занон 58 сола ва калонтар муқаррар карда шудаанд [6].

**Ҷадвали 3. Нишондодҳои ҳиссаи аҳолии шаҳр, деҳот, аҳолии қобили меҳнат, аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар ва ҳиссаи ҷавонон дар шумораи умуми аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Ҳиссаи аҳолии шаҳр нисбат шумораи умумии аҳолӣ | Ҳиссаи аҳолии деҳот нисбат шумораи умумии аҳолӣ | Ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат дар шумораи умумии аҳолӣ | Ҳиссаи аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар дар шумораи умумии аҳолӣ | Ҳиссаи ҷавонони синни 14-30 сола дар шумораи умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1991 | 30,8% | 69,2% | 46,8% | 7,6% | 12,6% |
| 1992 | 29,7% | 70,3% | 46,6% | 7,6% | 30,4% |
| 1993 | 28,9% | 71,1% | 46,6% | 7,3% | 30,5% |
| 1994 | 28,1% | 71,9% | 48,9% | 7,0% | 30,4% |
| 1995 | 27,4% | 72,6% | 48,9% | 6,8% | 30,4% |
| 1996 | 26,8% | 73,2% | 49,4% | 6,6% | 30,6% |
| 1997 | 26,7% | 73,3% | 49,8% | 6,5% | 30,7% |
| 1998 | 26,6% | 73,4% | 50,4% | 6,4% | 31,0% |
| 1999 | 26,2% | 73,8% | 51,2% | 5,3% | 30,9% |
| 2000 | 26,7% | 73,3% | 51,8% | 6,3% | 31,7% |
| 2001 | 26,6% | 73,4% | 53,0% | 6,2% | 32,3% |
| 2002 | 26,5% | 73,5% | 54,5% | 5,9% | 32,7% |
| 2003 | 26,6% | 73,4% | 55,8% | 5,6% | 33,2% |
| 2004 | 26,5% | 73,5% | 56,4% | 5,0% | 33,7% |
| 2005 | 26,5% | 73,5% | 57,4% | 4,9% | 34,1% |
| 2006 | 26,4% | 73,6% | 58,2% | 4,9% | 34,4% |
| 2007 | 26,3% | 73,7% | 58,8% | 4,8% | 34,5% |
| 2008 | 26,4% | 73,6% | 59,1% | 4,7% | 34,7% |
| 2009 | 26,6% | 73,4% | 59,5% | 4,7% | 34,9% |
| 2010 | 26,5% | 73,5% | 59,7% | 4,7% | 34,7% |
| 2011 | 26,4% | 73,6% | 59,8% | 4,7% | 34,5% |
| 2012 | 26,4% | 73,6% | 60,1% | 4,7% | 34,4% |
| 2013 | 26,6% | 73,4% | 60,3% | 4,9% | 34,3% |
| 2014 | 26,5% | 73,5% | 60,4% | 5,0% | 34,1% |
| 2015 | 26,4% | 73,6% | 60,5% | 5,1% | 33,5% |
| 2016 | 26,3% | 73,7% | 60,3% | 5,3% | 32,9% |
| 2017 | 26,4% | 73,6% | 60,2% | 5,4% | 32,2% |
| 2018 | 26,3% | 73,7% | 60,0% | 5,7% | 31,6% |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **2019** | 26,2% | 73,8% | 59,8% | 6,0% | 30,9% |
| **2020** | 26,3% | 73,7% | 59,6% | 6,1% | 30,3% |
| **2021** | 26,4% | 73,6% | 59,6% | 6,0% | 34,3% |

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С. 36-37

Ҳамин тариқ, таҳлили статикаи муқоисавии солҳои 1991 ва 2021 нишон медиҳад, ки ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат дар шумораи умумии аҳолӣ аз 46,8% то 59,6% зиёд гардидааст, ки ба вазъият бештар аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар дар шумораи умумии аҳолӣ, ки дар давраи таҳлили чандин маротиба тағйиротро аз сар гузаронидааст, таъсири назаррас расонидааст.

Бо дарназардошти чунин хусусиятҳои объективона дар ҷадвали 3 маълумот оид ба ҳиссаи аҳолии шаҳр, деҳот, аҳолии қобили меҳнат, аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар ва ҳиссаи ҷавонон дар шумораи умуми аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот гирд оварда шудааст.

Аз таҳлили ҷадвалҳои мазкур маълум мегардад, ки ҳиссаи аҳолии шаҳр дар шумораи умумии аҳолии кишввар дар соли 2021 нисбат ба соли 1991 (30,8%) коҳиш ёфта, ба 26,4% баробар шудааст. Умуман тағйирёбии ҳиссаи аҳоли шаҳр дар шумораи умумии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли пастшавиро нишон медиҳад.

Ҳамзамон, ҳиссаи аҳолии деҳот дар шумораи умумии аҳолии мамлакат аз соли 1991 то соли 2021 афзоишёбиро ифода карда, агар ин нишондиҳанда дар соли 1991, 69,1% - ро ташкил карда бошад, дар соли 2021 он ба 73,6% аҳолии умуми баробар шудааст.

Тамоюли тағйирёбии ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин давра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни ҷойгиршавии аҳолии ба деҳот нигаронидашуда ба назар мерасад. Ба ин ҳолат вазъи афзоиши аҳоли дар худи деҳот низ таъсири худро расонидааст.

Барои баҳо додани таъсири вазъи демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули захираҳои меҳнатӣ ҳисоб намудани ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатиро вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ дар доираи таҳқиқот зарур мешуморем. Мантиқи чунин муносибат имкон медиҳад, ки новобаста аз тағйиротҳои меъёрҳо барои ҷудо намудани аҳолӣ ба аҳолии аз синни қобили меҳнат калонтар ва ҷавонони то синну соли қобили меҳнат таъсири омили демографӣ дуруст баҳогузорӣ карда шудааст. Коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ бо формулаи зерин ҳисоб шуданаш мумкин аст:

$$E_L^A = \frac{\Delta L\%}{\Delta A\%} \quad (1)$$

ки дар ин ҷо: $E_L^A$ – коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ;

$\Delta L\%$ - тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ бо фоиз нисбат ба соли гузашта;

$\Delta A\%$ - тағйирёбии шумораи аҳолӣ бо фоиз нисбат ба соли гузашта.

Ҷоиз ба таъкид аст, ки нишондоди коэффитсиенти мазкур дар ҳолати аз 1 калон будан оид ба ҳиссиёти калони тағйирёбии шумораи захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ шаҳодат дода, ҳангоми ношондоди коэффитсиент аз 1 хурд будан оид ба ҳиссиёти пасти тағйирёбии шумораи захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ шаҳодат медиҳад[5].

Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 4 дидан мумкин аст, ки аз соли 1991 то соли 1995 нишондоди коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ аз 1 калон буда, афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ вобаста аз афзоиши шумораи аҳолӣ ҳиссиёти калонро нишон медиҳад. Масалан дар

соли 1992 афзиши аҳолӣ нисбат ба соли гузашта, 1,1% ташкил карда, афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ 5,7% ташкил кардааст.

Аз рӯи маълумоти дар ҷадвали 4 овардашуда, қайд кардан мумкин аст, ки афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ бо афзоиши шумораи аҳолӣ вобастагии рост дорад. Ҳисоби коэффитсиенти ҳиссиёт бо мақсади муқаррар намудани таъсири афзоиши табиии аҳолӣ ба шумораи захираҳои меҳнатӣ муайян карда шуда, то кадом андоза зиёдшавии аҳолӣ ба афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ таъсир мерсонад ҳисоб карда шудааст.

Дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 4 тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ бо фоиз нисбат ба соли гузашта, тағйирёбии шумораи аҳолӣ бо фоиз нисбат ба соли гузашта ва коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ ҳисоб карда шудаанд.

**Ҷадвали 4. Нишондиҳандаҳои тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ, шумораи аҳолӣ ва коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | |
|---|---|---|---|
| | $\Delta L\%$ | $\Delta A\%$ | $E_L^A$ |
| 1992 | 5,7 | 1,1 | 5,2 |
| 1993 | 0,7 | 0,2 | 3,5 |
| 1994 | 2,4 | 1 | 2,4 |
| 1995 | 2,1 | 1,2 | 1,8 |
| 1996 | 1 | 1,2 | 0,8 |
| 1997 | 2,4 | 1,8 | 1,3 |
| 1998 | 4,4 | 2,1 | 2,1 |
| 1999 | 2,9 | 3,6 | 0,8 |
| 2000 | 2 | 0,8 | 2,5 |
| 2001 | 3,6 | 1,7 | 2,1 |
| 2002 | 4,9 | 1,8 | 2,7 |
| 2003 | 5,2 | 1,7 | 3,1 |
| 2004 | 3,6 | 1,8 | 2,0 |
| 2005 | 3,1 | 1,8 | 1,7 |
| 2006 | 4 | 1,8 | 2,2 |
| 2007 | 3,1 | 1,9 | 1,6 |
| 2008 | 3,3 | 2,2 | 1,5 |
| 2009 | 2,9 | 2,3 | 1,3 |
| 2010 | 2,1 | 2,7 | 0,8 |
| 2011 | 3 | 2,4 | 1,3 |
| 2012 | 2,8 | 2,3 | 1,2 |
| 2013 | 1,3 | 2,2 | 0,6 |
| 2014 | 2,6 | 2,3 | 1,1 |
| 2015 | 2,6 | 2,4 | 1,1 |
| 2016 | 2,2 | 2,2 | 1,0 |
| 2017 | 2 | 2,2 | 0,9 |
| 2018 | 1,9 | 2,2 | 0,9 |
| 2019 | 1,7 | 2,1 | 0,8 |
| 2020 | 1,9 | 2,1 | 0,9 |
| 2021 | 1,8 | 1,7 | 1,1 |

Ҳисоб карда шуд, аз рӯи: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С. 52-55

Умуман коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ дар давраи таҳлилӣ нишон медиҳад, ки нишондоди он дар солҳои 1992-1995, 1997-1998, 2000-2009, 2011-2012, 2014-2015 аз 1 калон буда, ҳиссёти баланди афзоиши шумораи захираҳои меҳнатиро вобаста аз афзоиши аҳолӣ нишон медиҳад. Дар солҳои 1996, 1999, 2011, 2013, 2017-2020, нишондоди коэффитсиенти ҳиссиёти коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ аз 1 хурд мебошад, ки оид ба ҳиссиёти паст шаҳодат медиҳад. Танҳо дар соли 2021 нишондоди ин коэффитсиент аз 1 калон шудааст. Нишондоди аз 1 хурди коэффитсиенти додашуда, дар солҳои охир аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сохтори аҳолӣ шумораи ҷавонони то синни қобили меҳнатдошта зиёд шуда, ба коҳишёбии афзоиши шумораи захираҳои меҳнатӣ сабаб шудааст. Новобаста аз ин нишондодҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои барзиёди меҳнатӣ тавсиф карда мешавад. Умуман, таҳлили тамоюли тағйирёбии коэффитсиент ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 1992-2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондоди он мусбат буда, оид ба таъсири мусбии афзоиши аҳолӣ ба ташаккулбии захираҳои меҳнатӣ шаҳодат медиҳад[5]. Дар ин давра нишондиҳандаҳои миёнаи афзоиши захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоби миёна 2,8%-ро ташкил карда, суръати миёнасолаи афзоиши аҳолӣ 1,9% ташкил карда бошад, нишондоди миёнасолаи коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ дар солҳои 1992-2021 ба 1,7 баробар аст. Яъне, дар ин давра ба ҳисоби миён афзоиши аҳолӣ ба 1% ба зиёдшавии шумораи захираҳои меҳнатӣ ба 1,7% мусоидат кардааст. Яъне, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ аз суръати афзоиши аҳолӣ баландтар мебошад.

Ҳамин тариқ, дар ҷараёни таҳқиқот оид ба омодакунӣ ва азнавтайёркунии захираҳои меҳнатӣ, инкишофи малакаи касбии иқтидори меҳнатиро мутобиқи эҳтиёҷотҳои иқтисодиёти миллӣ зикр гардида, барои баҳодиҳии вазъи ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ, пеш аз ҳама, вазъи демографӣ дар кишвар маълумоти дақиқ пешниҳод гардидааст. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки шарти асосии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ бевосита ба инобат гирифтани хусусиятҳои демографии ташаккулёбии онҳо, таркиби ҷинсӣ, шумораи аҳолӣ, синну сол, тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ, урфу одатҳои миллӣ, қувваи корӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ мебошад. Ҳамчунин, барои пурра намудани таҳлилҳо оид ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз таъсири омилҳои гуногун, алалхусус, омили демографӣ, ки нақши марказиро дар ин самт иҷро мекунанд, таносуби аҳолии шаҳр ва деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст. Ҳама гуфтаҳои боло ба мо имконият медиҳад, ки омили асосии ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ, ин пеш аз ҳама, афзоиши аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт:**

1. *Алиева П.Р., Мирзабалаева Ф.И. Региональные социально-экономические факторы развития трудового потенциала // Современные проблемы науки и образования. – 2013. – № 4; URL: www.science-education.ru/110-9738 (Санаи муроҷият: 20.10.2022).*

2. *Аҳмадов Ф.М. Ашуров Ф.М., Хушвахтзода Қ.Х. Арзёбии омории сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография – Душанбе, 2021. – С.143.*

3. *Бабаджанов Р.М. Совершенствование институциональных основ формирования и функционирования рынка труда в Республике Таджикистан //Экономика Таджикистана. 2019. № 3. С. 141-147.*

4. *Комилов А.К. Исследования демографических процессов: теоретико-методологические подход. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2021.№3.- С.151*

5. *Раҷабов О.Ҷ., Ахмадов Ф.М. Таҳлили омории тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / О.Ҷ. Раҷабов, Ф.М. Ахмадов // Паёми*

*Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Илмҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва соҳаи иҷтимоӣ. – 2021. – №1. (35). – С. 88-95.*

*6. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ., Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. С. 702с.*

*7. Трункина Л.В., Крумина К.В. Управление трудовым потенциалом: информационно-коммуникационный аспект // Российское предпринимательство. – 2012. – №17 (215). – С. 72-77*

*8. Ҷабборов Ш. Ҷанбаъҳои назариявии шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.// Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2021.№3.- С.165-171.*

*9. Шариф Раҳимзода. Ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди миллӣ. – Душанбе: «ЭРграф», 2019, саҳ. 102.*

**Кармышева М.Н.**

## ХАРАКТЕРИСТИКА ОРГАНИЗАЦИИ ТРУДОВЫХ РЕСУРСОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Таджикский государственный университет коммерции**

*В статье исследована характеристика формирования трудовых ресурсов в Республике Таджикистан, которая в первую очередь тесно связана с демографической ситуацией в стране. Проведен анализ соотношения городского и сельского населения республики, с целью определения влияния естественного прироста населения и численности трудовых ресурсов, рассчитан коэффициент чувствительности.*

***Ключевые слова:*** *трудовые ресурсы, демографическая ситуация, коэффициент чувствительности, состав населения, естественный прирост населения, численность трудовых ресурсов.*

**Karmysheva M.N.**

## CHARACTERISTICS OF THE ORGANIZATION OF LABOR RESOURCES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Tajik State University of Commerce**

*The article examines the characteristics of the formation of labor resources in the Republic of Tajikistan, which is primarily closely related to the demographic situation of the country. An analysis of the ratio of the urban and rural population of the republic was carried out, in order to determine the impact of natural population growth and the number of labor resources, the sensitivity coefficient was calculated.*

***Keywords:*** *labor resources, demographic situation, sensitivity coefficient, composition of the population, natural population growth, labor force.*

***Сведение об авторе:***

***Кармышева Майсара Назруллоевна*** *- ассистент кафедры мировой экономики и международных отношений Таджикского государственного университета коммерции.* ***Адрес:*** *734061, Республики Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти, 1/2. Таджикский государственный университет коммерции*

УДК 332.122;339.9 (575.3)

**Мирсаидов А.Б.,**
**Бабаджанов Р.М.**

# МЕТОДОЛОГО-МЕТОДИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ОЦЕНКИ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОГО ПОТЕНЦИАЛА ИНДУСТРИАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНОВ СТРАНЫ

**Институт экономики и демографии**
**Национальной академии наук Таджикистана**

*В статье исследованы современное состояние и тенденции реализации индустриального сценария развития регионов страны и отраслей промышленности, основанного на привлечении зарубежных современных технологий, которые формируют предпосылки перехода экономики на индустриально-аграрную модель развития. Обоснованно, что эти позитивные процессы одновременно формируют индустриальную мысль, идеи и поведение участников социально-экономических отношений, которые являются важным компонентом институционального потенциала экономики региона. Выделяется ключевая роль системы исследования, или диагностики экономического потенциала региона, в целях выявления и оценки институционального потенциала индустриального развития регионов страны, и, соответственно, рассматриваются вопросы разработки подходов к определению сущности, структур и методов оценки данного потенциала. В связи с этим более подробно рассматриваются научные проблемы оценки институционального потенциала, перечня индикаторов оценки, что и выступает инструментом управления потенциалом индустриального развития экономики региона в направлении рационального и эффективного размещения отраслей промышленности и т.д.*

***<u>Ключевые слова</u>:*** *экономика региона. промышленное производство, индустриальная трансформация региона, индустриальная система, экономический потенциал, институциональный потенциал, институт, институциональная структура, индустриальное развитие региона и т.д.*

В рамках реализации Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, в качестве приоритетов по развитию регионов выделены «формирование территориально-промышленных кластеров (территорий новой индустриализации и интеграции, свободных экономических зон, бизнес-инкубаторов, технопарков, центров инноваций) и развитие экономических коридоров. В области комплексного развития сельских регионов ставится задача «определения в каждом регионе собственных приоритетов, исходя из имеющегося потенциала, сложившейся ситуации на рынке труда и особенностей социально-экономического и демографического развития, реальных возможностей осуществления первоочередных задач на среднесрочную и долгосрочную перспективу» [1]. Эти приоритеты и комплексное развитие сельских регионов, укрепляющие институциональный потенциал индустриальной трансформации и развитие экономики регионов, направлены на обеспечение реализации цели ускоренной индустриализации страны в целом. В настоящее время, в рамках реализации индустриального сценария развития, наблюдается развитие отраслей промышленности в экономике регионов, основанной на привлечении зарубежных современных технологий и техники, которые формируют предпосылки перехода экономики на индустриально-аграрную модель развития. Эти позитивные процессы одновременно формируют индустриальные мысли, идеи и поведение участников социально-экономических отношений, которые являются важным компонентом институционального потенциала экономики регионов, что дает импульс для развития индустриальной цивилизации страны его регионов [2]. В результате индустриальной трансформации, формирования и развития индустриальных отношения, обеспечивается качественное развитие системы социально-экономических и культурно-политических отношений, а также индустриально-инновационная культура населений регионов страны. В связи с этим требуется укрепление существующих и выявление новых возможностей,

способствующих ускорению индустриальных изменений, или трансформации экономики регионов.

В научной литературе, в основном, индустриализация рассматривается в рамках формирования крупной промышленности. Например, в толковом словаре индустриализация рассматривается как процесс создания технически развитой промышленности [3]. По-нашему мнению, процесс индустриализации не ограничивается только отраслями промышленности, поскольку понятие «индустрия» (от латинского слова) означает деятельность и активность, что позволяет представить её в широком смысле слова. Поэтому индустриализацию следует рассматривать как перевод всех сфер экономической деятельности на индустриальную машинную технику, т.е., как процесс создания машинного производства. Индустриализация охватывает все сферы социально-экономической системы регионов страны и представляет собой переход от традиционного типа к индустриальному высокоразвитому типу экономики, который основан на машинном производстве. Индустриальное развитие экономики регионов содействует формированию и развитию позитивного отношения к труду «в сочетании со стимулом к использованию новых технологий и научных открытий, что вносит вклад в ускоренный рост производства и доходов работников» различных сфер экономики регионов [2]. Поэтому индустриальная трансформация экономики регионов представляет собой особую стратегическую задачу в отношении реализации ускоренной индустриализации страны.

Как показывают данные таблицы 1, за период 2017-2021 гг. объем производства промышленной продукции в сопоставимых ценах в республике увеличился с 23,5 до 38,8 млрд. сомони, или рост составил 164,8%.

**Таблица 1. Динамика объема производства промышленной продукции по регионам республики (в ценах 2020 года, млн. сомони)**

| **Регионы** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | ***2021 в % к 2017*** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Республика Таджикистан** | 23553 | 26098 | 29543 | 32143 | 38829 | 164,8 |
| **г. Душанбе** | 2584 | 2852 | 2946 | 2914 | 3339 | 129,2 |
| **РРП** | 1846 | 2402 | 3098 | 3424 | 3776 | 204,5 |
| **Согдийская обл.** | 11861 | 12561 | 13967 | 16216 | 21065 | 177,5 |
| **Хатлонская обл.** | 7045 | 7968 | 9266 | 9368 | 10333 | 146,7 |
| **ГБАО** | 217 | 260 | 267 | 238 | 316 | 145,6 |

**Рассчитано по:** Регионы Республики Таджикистан, 2022, с.122-124.

Тенденция роста производства промышленной продукции наблюдается во всех регионах страны. Так, за анализируемый период объем производства промышленной продукции в г. Душанбе увеличился на 39,2%, в Районах республиканского подчинения более, чем в 2 раза, в Согдийской области - 77,5%, в Хатлонской области - 46,7% и в ГБАО - 45,6%. Самый высокий уровень роста наблюдается в РРП и Согдийской области. Однако индексы общего объёма продукции промышленности по областям республики имеют неустойчивый характер. Как показано на рисунке 1, наблюдается явный неравномерный рост в процентах к предыдущему году по регионам: например, в ГБАО, если в 2017 г. индекс составлял 145,9%, то в 2020 г. -89,3%, в Хатлонской области за анализируемый период максимальное значение составило 124,3, а минимальное значение - 101,1%. В Согдийской области разность между максимальным и минимальным значением индекса составила 25,6%, в г. Душанбе – 15,7%, а в РРП – 38,8%. Ощутимое колебание значения индексов, или их значительные отклонения от среднего темпа роста, свидетельствуют о неустойчивости роста объема производства промышленной продукции, который определяется влиянием многих факторов внутренней и внешней среды.




**Рис. 1. Индексы общего объёма продукции промышленности по областям республики**

О состоянии и системе стимулов ориентации на индустриальное развитие по регионам республики свидетельствуют показатели структурных сдвигов в производстве промышленной продукции. Как видно из таблицы 2, доля промышленных предприятий Согдийской области в объеме производства промышленной продукции имеет высокий уровень. В 2021 г. его доля составляла 54,2%, что, по сравнению с 2017 г., увеличилось на 3,9%. Индекс структурного сдвига, который показывает скорость изменения, или сдвига, составляет 7,7% (3,9/50,3х100%). Второй, по величине доли в общем объеме производства промышленной продукции страны, является Хатлонская область: в 2021 г. этот показатель составлял 26,6%, однако, по сравнению с 2017 г., уменьшился на 3,3 процентных пункта. Соответственно, индекс структурных сдвигов составил 11%, что говорит о падении системы стимулов к росту промышленности в области. Заметное ускорение сдвигов наблюдается в РРП: доля данного региона в 2021 г. составляла 9,7% против 7,8% в 2017 г., и увеличилась на 1,9 процентного пункта, и индекс структурного сдвига среди регионов страны является самим максимальным – 24,3%.

**Таблица 2. Структурные сдвиги в производстве промышленной продукции по регионам республики (в %)**

| Регионы | 2017 | 2021 | Масса сдвига, *пп*, % | Индекс структурного сдвига, *%* |
|---|---|---|---|---|
| **Республика Таджикистан** | 100,0 | 100,0 | - | - |
| **г. Душанбе** | 11,0 | 8,6 | -2,4 | -21,8 |
| **РРП** | 7,8 | 9,7 | 1,9 | 24,3 |
| **Согдийская область** | 50,3 | 54,2 | 3,9 | 7,7 |
| **Хатлонская область** | 29,9 | 26,6 | -3,3 | -11,0 |
| **ГБАО** | 0,9 | 0,8 | -0,1 | 11,1 |

**Рассчитано по:** Регионы Республики Таджикистан, 2022, с.122-124

Позитивным процессом является то, что во всех регионах страны (за исключением ГБАО) имеет место высокая доля обрабатывающей промышленности в структуре промышленного производства. Как видно из рисунка 2, в 2021 г. в РРП доля обрабатывающей промышленности составляла 39,9%, в Хатлонской области – 52,8%, в Согдийской области – 63,1%, в ГБАО – 11,8%. Следует подчеркнуть, что в системе индустриальной трансформации регионов страны ключевую роль играет

обрабатывающая промышленность. На предприятиях этой отрасли, на базе использования различных технологий и методов производства, создаются конечные продукты, увеличивается объем новой (или добавленной) стоимости.

Развитие отраслей обрабатывающей промышленности имеет особое экономическое значение в трудоизбыточных регионах страны, поскольку они используют большое количество рабочей силы. Развитие этой отрасли не только способствует модернизации других отраслей экономики региона, в том числе отраслей аграрной экономики, но и снижает уровень зависимости от традиционных отраслей сельского хозяйства, предоставляя дополнительные рабочие места во вторичном и третичном секторах экономики, тем самым являясь предпосылкой повышения уровня жизни населения и снижения уровня различных видов (аграрных, скрытых) безработицы, уменьшает неравномерное развитие регионов страны. В то же время анализ показывает, что в целом, текущая политика занятости не способствует росту производительности труда и перемещению трудовых ресурсов в области, которые могут стать новыми точками роста.




**Рис. 2. Структура отраслей промышленности по территориям в 2021 году (в %)** [4]. (***Примечание:*** *прочие — это производство и распределение электроэнергии, газа и воды*)

«По оценкам, в период 2020-2025 гг. численность населения трудоспособного возраста будет расти в среднем примерно на 2% в год (125,7 тыс. человек), поэтому среднегодовой рост внутренней занятости должен составлять не менее 1%. В результате численность занятых в народном хозяйстве к 2026 году может составить не менее 2,6 миллиона человек. В период до 2025 года необходимость усиления политики на рынке труда потребует комплексности действий в направлении обеспечения роста продуктивных рабочих мест, сопровождаемых ростом производительности труда. При этом более высокие темпы прироста сельского трудоспособного населения по сравнению с городским, вызывают необходимость ускоренного роста создания индустриальных рабочих мест в сельской местности» [5, 40-41].

«Баланс трудовых ресурсов является средством оценки трудового потенциала страны и источником информации о его использовании. Он представляет собой комплексный метод изучения состава и использования трудовых ресурсов и благодаря этому служит инструментом для объединения всей имеющейся информации о рынке труда» [6, 178]. В связи с этим, по нашему мнению, баланс трудовых ресурсов также представляет собой самостоятельный институт, способствующий реализации интересов как индустриального развития, так и самого рынка труда как на уровне государстве, так и на уровне его территориальных образований.

В связи с этим с вступлением страны на новый этап развития все более возрастает и актуализируется задача выявления явных и неявных внутренних резервов социально-экономического развития регионов страны, прежде всего их индустриального развития. В экономической литературе получили распространение оценки инвестиционно-инновационного и природно-трудового потенциала развития регионов. Однако редко встречаются исследования по оценке социально-институционального потенциала индустриального развития экономики региона. В связи с этим в системе диагностики экономического потенциала региона, на наш

взгляд, ключевое значение имеет выявление и оценка институционального потенциала и, соответственно, разработка подходов к определению сущности, структуры и методов оценки данного потенциала. Как известно, институты формируют поведение и систему стимулов для участников производственно-экономических отношений, а также устанавливают системы ограничений в социально-экономической деятельности, тем самым оказывая существенное влияние на динамику социально-экономических процессов. Однако существуют трудности в практической плоскости институциональных концепций индустриального развития экономики региона. На наш взгляд, данная научная проблема вытекает из недостаточного уровня изученности содержания и формы проявлений институционального потенциала, а также недостаточного уровня разработанности методолого-методических подходов к его оценке.

В экономической литературе встречаются постановки вопроса оценки институционального потенциала, но они, как было отмечено выше, ориентированы, в основном, на оценки экономического, инновационного и инвестиционного потенциалов. И здесь наблюдается недостаточный уровень их количественной оценки. В экономической литературе суть институционального потенциала со стороны отдельных авторов определяется как условие, обеспечивающее производственно-экономический потенциал. А под институциональными условиями подразумевают уровень развитости базовых рыночных институтов, нормативно-правовых актов, систему механизмов и инструментов государственной поддержки и стимулирования [7].

Российский ученый Балацкий О.Ф. институциональный потенциал рассматривал как исторически формирующийся и развивающийся эволюционный процесс организационно-экономической и социально-культурной систем. Более конкретно он определил сущность институционального потенциала «как потенциал организационных и территориальных систем управления, то есть отношением в обществе между людьми, коллективами, объединениями, партиями. Значительный удельный вес в этом потенциале занимает юридическая система с нормативно-правовыми документами. На величину этого потенциала влияют менталитет, традиции, позитивный и негативный прошлый опыт» [8]. По его мнению, проявление этого потенциала можно наблюдать на мыслительном и поведенческом уровнях населения территорий страны, т.е. отражается в их поведении. Но для практической реализации концепции институционального потенциала и его управления необходимо разработать систему показателей, обеспечивающих возможности оценки их элементов по регионам и сопоставления результатов в динамике.

Как известно, экономики регионов страны и их промышленные системы функционируют в рамках единого экономического пространства страны. Их состояние и динамика зависят от качества параметров экономического пространства республики, основными из которых являются общие правовые (законодательство) нормы, единые требования денежно-кредитной, налоговой и таможенной систем, функционирование базовых инфраструктурных систем (энергетики, транспорта и связи и т.д.). В то же время в каждом регионе существует собственное внутреннее экономическое пространство, индустриальная система и системы связи и отношений с внешней средой. Они отличаются количественным и качественным состоянием имеющихся у них подсистем, свойством их взаимодействия, называемой институциональной средой. Регионы в рамках существующих общих норм поведения и правил можно считать однотипными, подлежащими общему государственному регулированию. Вместе с тем, функционирование хозяйствующих субъектов регионов находится под влиянием местного, локализованного регулирования в рамках хозяйственно-организационной культуры, которые исторически формировались в конкретном регионе, территории страны. В связи с этим можно предположить гипотезу, что индустриальные регионы имеют свои особенности формирования институциональной среды, которые отличаются от других регионов республики своим институциональным потенциалом.

Проблема оценки институционального потенциала и определенного перечня показателей, лежащих в основе его оценки, прежде всего связаны с различной трактовкой сущности и содержания понятия "институт", а также ограниченной информационной базой исследуемого потенциала.

